*ҚИЁМИДДИН МИРАЛИЕВ*

# НАҚШИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Душанбе 2005

# НАҚШИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Ҷавонон яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қисмати ҷудонопазир ва қишри асосии ҷомеа буда дар ташаккулёбӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандии муосир саҳмгузорони асосӣ ба шумор меравbooанд. Ба эътибор гирифтани тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти ҳаётии онҳо тақозои замон аст. Аз ин рӯ, таъмин ва такмили иштироки ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба ин восита тайёр кардани онҳо барои пешбурди ҳаёти мустақилона ва устувор дар ҷомеаи муосир зарурати мубрам дорад.

Дар ин дастур маълумот дар бораи моҳият-аҳамиятнокӣ ва тарзи истифобарии усулҳои интерактивии таълим барои ташкил намудани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва ба воситаи онҳо таҳкими иштироки ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ гирд оварда шудааст ва он махсус барои такмил додани фаъолияти мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон нигаронида шудааст.

**МУАЛЛИФ**:

*Миралиев Қиёмиддин Абдусалимович* - директори Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон, аспиранти кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Қ.Чураев.

Дастури мазкур бо дастгирии Фонда Глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза ба миқдори 3000 нусха, соли 2005 дар муассисаи нашриявии «Хадамот» назди Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон чоп гаштааст.

Дастури мазкур бо Қарори Коллегияи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №4.26 аз 31 майи соли 2005 тасдиқ гаштааст.

Муассисаи нашриявии «Хадмот» назди назди Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон, шаҳодатномаи Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон №79, аз 11 июли соли 2003.

**МУНДАРИҶА**

ПЕШГУФТОР ....................................................................................4
БОБИ I. УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ...........................................6
1.1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ, ПРИНСИПИ "ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ" ......................6
1.2. ПРИНСИПИ "ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ".........................................8
1.3. УСУЛҲОИ МУНОСИБАТ .....................................................12
1.4. УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ......................................17
БОБИ II. БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ (МОДУЛҲОИ) НАМУНАВӢ ОИД БА ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ОМӮЗИШӢ АЗ РӮИ ПРИНСИПИ «ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ»........27
2.1. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА ТАШКИЛИ ТИМ-КОМАНДА...........................................................................28
2.2. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА МАЛАКАҲОИ МУНОСИБАТ ВА ТАРЗҲОИ САРВАРӢ....................................39
2.3.БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА ҲАРАКАТИ ИХТИЁРӢ ..........................................................................45
2.4. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА ОДАТҲОИ НОМАТЛУБ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН ......................................54
2.5. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА ОГАҲОНӢ АЗ БЕМОРИҲОИ БА ВОСИТАИ АЛОҚАИ ҶИНСӢ ГУЗАРАНДА .........................................................................................58
2.6. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) ОИД БА ВИРУСИ ВИЧ/СПИД ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН ..................................61
БОБИ III. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ..........................................................64
3.1. ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ.........................................................64
3.2. НАҚШИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН....................................65
3.3. ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ .........66
3.4. ҲАРАКАТИ ИХТИЁРӢ ДАР ҶОМЕА...........................................67
3.5. ДАР ҲАЁТ БИСЁРЕ АЗ МО ИХТИЁРӢ МЕШАВЕМ....................70
3.6. МАҲФИЛИ ИХТИЁРИЁНИ ҶАВОН............................................71
3.7. НИЗОМНОМАИ МАҲФИЛИ ИХТИЁРИЁНИ ҶАВОН ............73
АДАБИЁТҲО.................................................................................78

*Агар ҷавонон ояндаи миллат бошанд, ҷавонони лаёқатманду боистеъдодро метавон мояи ифтихор ва сарбаландии он номид. Маҳз ҷавонони соҳибмаърифату боистеъдод, қудрат доранд, кн бори гарони илму фарҳанги миллати хешро ба душ кашида ҳамчун ҳалқаи зарурӣ дар занҷири маърифати аз насл ба насл омада хизмат намоянд*

*Э.Ш. Раҳмонов*

# ПЕШГУФТОР

Таълиму тарбия дар ҳар як ҷомеаи ҷаҳонӣ муносиб ба шароити ҷамъият ва талаботи давлатдорӣ ба роҳ монда мешавад ва барои пурмаҳсул ва манфиатнок равона гаштани он роҳу усулҳои гуногуни онро истифода мебаранд. Муқаррарист, ки барои ҳар як навъи чорабинии маърифатию омӯзишӣ барномаҳои мушаххаси таълимӣ таҳия ва амалӣ мегарданд, ки мувофиқи он дастур ва тарзу усулҳои ташкил ва амалигардонии фаъолияти таълимию омӯзишӣ дар дилхоҳ муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ мегардад. Пушида нест, ки имрӯз фаъолияти таълимию омӯзишӣ дар макотиби таҳсилотӣ дар ҷумҳурӣ бештар дар асоси барномаҳои таълимии солҳои пешин, яъне номувофиқ ба шароит ва талаботи имрӯзаи ҷомеа ба роҳ монда шудааст. Набояд фаромӯш кард, ки насли наврас ва ҷавон имрӯз дар шароити гузариш ба ҷомеаи навин қарор доранд ва талаботи онҳо нисбат ба аз худ кардани таълим ва илму маърифат бо усулҳои навин ва ҷавобгӯ ба шароити ҳаётии онҳо равона аст. Яъне зарурат ба он расидааст, ки мутобиқи тараққиёти ҷомеаи муосир барномаҳои навини таълимӣ таҳррезӣ гашта ба тайёр кардани қадрҳои соҳиби ихтисосҳои навин мусоидат намояд.

Аз ҷумлаи ин гуна усулҳои таълим, ки дар ҷомеаи ҷаҳони маъруфу машҳур гаштааст ва барои омӯзиш ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин аз худ кардани дилхоҳ маводи таълимӣ муқаррар гаштааст, усули интерактивии таълим мебошад, ки маҳз дар бораи ҳамин усули таълимӣ дар дастури мазкур сухан меравад.

Бартарии ин усул дар он аст, ки шахси хонанда дар ҷараёни ташкили он ширкат мевазад. Принсипҳои асосии усули интерактивии таълим он аст, ки дар он шахси хонанда озодона муошират мекунад, савол медиҳад, баҳсу мунозира мекунад, ақидаи худро изҳор менамояд, тартибу қоидаҳои гузаронидани машғулиятро пешниҳод ва интихобу қабул менамояд. Фарқият миёни ин усули таълимӣ нисбат ба усулҳои муқаррарии таълимӣ дар бисёр ҳолатҳо ба назар мерасад. Агар мавриди гузаронидани семинару машваратҳо бо усули муқаррарии таълим таълимгиранда бо тарсу ҳарос муошират кунад ва ё савол диҳад, нисбат аз оне ки бештар дар ҷараёни таълим ширкат варзад, ба саволҳо посух гӯяд ва муаллим хатогиҳояшро дуруст намояд, мавриди ташкили семинар ва ё машғулиятҳо бо усули интерактивии таълим шахс хоҳ нохоҳ дар ҷараёни он фаъолона ширкат меварзад, фикру ақидаҳои худро озодона изҳор менамояд ва аз тарсу ҳарос ҳамеша дур мебошад. Мувофиқи иқтидорнокӣ ва қобилиятнокиаш маводро аз худ менамояд ва ба дигарон низ мерасонад. Инчунин, ин усул ба шунаванда имконият медиҳад, то ӯ мавзӯро бо хоҳиши озод, осониву тезӣ аз худ кунад ва дар доираи он фаъолият барад.

Дар ҷараёни ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, истифодаи усули интерактивии таълим барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо ва семинарҳо миёни ҷавонон дар раванди инкишофи сиёсати иҷтимоию фарҳангӣ ва маърифатии ҷавонон дар раванди бунёди идеологияи устувори муносиб ва ҷавобгӯ ба талабот ва тараққиёти ҷомеаи муосир бамаврид ва муфид мебошад.

## БОБИ I. УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ

### 1.1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ, ПРИНСИПИ "ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ"

Усулҳои интерактивии таълим, ки дар сатҳи байналҳалқӣ эътироф гаштаанд барои гузаронидани семинару тренингҳо ва умуман машғулиятҳои таълимию омӯзишӣ вақти камро талабкунанда истифода мегарданд.

Усулҳои интерактивии таълим аз чунин принсипҳо иборат мебошанд:

• ҷалби диққати иштирокчиён ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гаштани онҳо;

• иштироки озодона, фаъол ва тамоюлнок;

• иштироки на зиёда аз 20 нафар иштирокчиён дар машғулият;

• пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори иштирокчиён мавриди ташкили машғулият;

• иштироки бевоситаи иштирокчиён дар раванди машғулият

Фасилитатор на ҳамчун муаллим нисбат ба хонанда, балки ҳамчун маълумотдиҳанда ва маслиҳатчӣ нисбат ба иштирокчиёни машғулият муносибат мекунад.

**Мақсади асосии** истифодаи усули интерактивии таълим, ин ба тезӣ ва дар муддати кутоҳтарин, аз худ кардани (омӯзонидани) маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати ровигию шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию ташкили команда, бедор кардани ҳисси инсондустӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

***Хусусиятҳои асосии усули интерактивии таълим***

Усули интерактивии таълим пеш аз ҳама бо хусусияти мутобиққунияш машҳуру маъруф гаштааст, яъне дилхоҳ

фарди солимақл ва соҳибзаковат хоҳ нохоҳ ба ин ва ё он самтҳои афзалиятнок мутобиқ мегардад.

Аз ин рӯ, мавриди ҷалби иштирокчиён зарур аст, ки аз рӯи **принсипҳои интихобӣ** амал намояд, яъне барои амалӣ гаштани мақсадҳои машғулият ва бомуваффақият анҷом ёфтани он мебояд ашхоси нисбатан фаъоли ҷомеаро, нисбат ба ҷавонон бошад бештар аз хонандагон ва ё донишҷӯёнро, ки қудрати аз худ кардани бемамониати дилхоҳ маводи таълимиро доранд, интихоб намуд.

Ҳангоми ташкили машғулият дар бисёр ҳолатҳо **воситаҳои айёнӣ** ба монанди: қоғазу қаламҳои гуногуни ранга, маводҳои тақсимотӣ, видео-филмҳо ва ғайра истифода мегарданд, ки ба дучанд аз худ кардани маълумот ба иштирокчиён мусоидат менмояд.

Мавриди гузаронидани машғулият **усулҳои таълимӣ** ба монанди: ҳуҷуми фикрҳо, ки малакаи суханронии шахсро устувор мегардонад, бозӣ дар нақшҳо, ки ниқоби шармгинии шахсро мешиканад, ба иштирокчӣ барои худро озод ҳис кардану ба аудитория мутобиқ шудан шароит фароҳам меорад, кор дар гурӯҳчаҳо, ки ба шахс шароит фароҳам меорад то мустақилона кор кунад, ақида ва нуқтаи назари худро мустақилона таҳия намояд ва бо рӯҳбаландӣ дар рафти машғулият ширкат варзад, истифода мегарданд.

Бартарии ин усули таълим дар он аст, ки шахси хонанда дар равиши он, яъне дар гузаронидани машғулият бевосита иштирок мекунад. Дар он шахси хонанда озодона савол медиҳад, баҳсу мунозира мекунад, ақидаи худро озодона изҳор менамояд, тартибу қоидахои дилхоҳи машғулиятро дар якчоягӣ бо ҳамсабакон пешниҳод ва интихобу кдбул менамояд. Мавриди истифодаи усулҳои муқаррарии таълим бошад, хонанда аз ин гуна имкониятҳо маҳрум аст. Усули интерактивии таълим талаб мекунад, то таълимгиранда дар ҷараёни амалигардии он фаъолона иштирок намуда, ақидаҳои худро озодона ва бемамониат изҳор намояд.

Исботи ин тасдиқотро бо баъзе нуқтаи назар ва ибрози ақидаи иштирокчиёни машғулиятҳои бо ҳамин усули

таълимӣ гузаронидашуда тақвият медиҳем, ки зикр кардаанд: “Хуб мешуд, ки чунин машғулиятҳо дар мактабҳо низ ҳангоми дарсҳои ҳаррӯза гузаронида мешуд!”, яъне онҳо хоҳиш доранд, ки дарсҳои ҳамарӯзаи онҳо бо ҳамин гуна усулҳои таълимӣ ташкил карда шаванд. Ба саволи “Чаро Шумо мехоҳед, ки дар мактаб маҳз ҳамин гуна машғулиятҳо ташкил карда шаванд?” ҷавоб доданд, “Чунки дар ин машғулиятҳо бо мо ҳар гуна бозиҳо мекунанд, ба ягон ҳаракатҳо маҷбур намекунанд, ба суханҳоямон гуш мекунанд, мо худамон мустақилона кор мекунем, худро озод ҳис мекунем, мавзӯҳо осонфаҳм мебошанд”.

## 1.2. ПРИНСИПИ “ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ”

**Принсипи “ҳамсол ба ҳамсол”** - ин фаъолиятест, ки аз муносибати байниҳамдигарии ду ва ё зиёда шахсони ҳам синнусол иборат буда барои омӯзиш ва расонидани иттилооти муфид ва манфиатнок ба якдигар равона гаштааст.

Омӯзиш аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» - ин ҷараёнест, ки дар он шахси омӯзонидашуда миёни ҳамсолони худ чорабиниҳои маърифатию итгилоотӣ ташкил намуда, дар муддати кӯтоҳтарин онҳоро бо маълумотҳои зарурӣ таъмин менамояд.

**Мақсади асосии** омӯзиш аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофёбии мустақилона ва худамалигардонӣ нисбат ба муносибат, тассавурот ва малакаҳои ҳаётӣ байни ҳамсолон мебошад.

Мавриди фаъолият аз рӯи ин принсип ровӣ (фасилитатор, шахси маълумотрасон) ва шунаванда (таълимгиранда) иштирок мекунад. Дар ин муносибат ровӣ шахсест, ки дар дилхоҳ соҳаи фаъолият омӯзонида шудааст ва шунаванада шахсест, ки оид ба ҳамин соҳаи фаъолият тассавурот надорад, маълумоти кам дорад ва ё барои аз худ кардани он соҳа ниёз дорад. Яъне, дар инчо шахси

дар дилхоҳ машғулиятҳои (тренингҳо, семинарҳо) аз рӯи принсипи омӯзиши “ҳамсол ба ҳамсол” иштирок дошта - омӯзонида шудааст, ки миёни ҳамсолони худ ба сифати ровӣ баромад карда ба онҳо ба воситаи ташкили чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ маълумотҳои заруриро мерасонад.

Чорабинҳоро аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» бо таври зерин ташкил кардан мумкин аст:

- ташкили машғулиятҳо (семинарҳо, тренингҳо);
- саҳнаҳои ҳаҷвию таълимӣ ва муҳокимаи нақшҳо дар он;
- сӯҳбатҳои озод бо ҳамсолон дар диско-Қубҳо ва боғҳои фароғатию фарҳангӣ;
- консертҳо ва викторинаҳо;
- озмунҳои ҳозираҷавобӣ ва варзишӣ ва ғайра

Бартарияти принсипи “ҳамсол ба ҳамсол” дар байни ҷавонон дар он аст, ки мавриди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо барои ҷавонон дар ташкил ва гузаронидани он худи ҷавонон ширкат меварзанд. Муқаррарист, ки дар ҳолати гузаронидани дилхоҳ чорабинӣ аз тарафи шахси ҳамсоли бештар маъкул ва ҳаловатпазир аст, нисбат ба оне ки дар гузаронидани чорабинӣ шахси калонсол иштирок мекунад.

Дар ташкили дилхоҳ, чорабинӣ аз ҷониби шахси калонсол хоҳ нохоҳ шахси хурдсол худро бероҳат ҳис мекунад, бо тарсу ҳарос иштирок мекунад ва худро маҷбур месозад то чизе аз худ кунад. Аз натиҷаи тарсу ҳарос ва ноҷо ҳис кардани худ, шахси шунаванда наметавонад ҳамаи маводи заруриро то дараҷаи лозимӣ аз худ намояд. Мавриди гузаронидани чорабинӣ аз тарафи шахси ҳамсол бошад ҳамсӯҳбати ӯ, яъне шунаванда, ҳамсинну сол будани ӯро дар назар гирифта худро озод ҳис мекунад, ба баъзе ҳаракатҳои зарурӣ худро имкон медиҳад, бе тарсу ҳарос иштирок мекунад, саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира мекунад.Ва айён аст, ки аз натиҷаи чунин иштирок фарди ҷавони ҳамсол ҳаматарафа ташаккул меёбад, маводи заруриро вобаста ба иқтидорнокии зеҳниаш аз худ мекунад ва аз ҳама муҳимаш

барои ӯ рафтори ҳамсоли ровӣ, дараҷаи саводнокии он намунаи ибрат мегардад. Ин ақидаро боз чунин тақвият додан мумкин аст, ки: одатан дар мактаби таҳсилотӣ шахси калонсол (муаллим) ба хурдсол (хонанда) дарс мехонад. Ва тассавур кунед, ҳар яки мо зинаи таълимии мактабиро гузаштаем ва медонем, ки то кадом дараҷа муносибат байни хонанда ва муаллим ба роҳ монда шудааст. Новобаста аз он, ки методикаи таълимӣ муносибати нарми **байниҳамии** омӯзгор ва хонандаро талаб мекунад ва меомӯзонад, воқеист, ки шахси калонсол нисбат ба шахси ба хурдсол дар ҳаёти ҳамарӯза назарбаланд рафтор мекунад. Шахси ҳамсол бошад, хоҳ нохоҳ бо эҳтиром муносибат мекунад, чунки аз нигоҳи дониш, агар назари баланд дошта бошад, аз нигоҳи синнусол қудрати баробарӣ доранд. Мутаасифона муносибатҳои имрӯзаи муаллим нисбат ба хонанда муносибатҳое мебошанд, ки ба шунаванда (талаба) на имконияти фаъол, маълумотноқ соҳибмаърифат шудан медиҳад, балки ба рӯҳафтода шудан ва суст шудани фаъолияти таълимии онҳо оварда мерасонад. Дар навбати худ, хонанда дар ин ҳолат, худро озод ҳис карда наметавонад, бе тарсу ҳарос ва фаъолона иштирок карда наметавонад ва муқаррарист, ки бо назардошти иқтидори зеҳниаш ва тарсу ваҳми вокеӣ маводи дарсиро пурра аз худ карда наметавонад.

Акнун, мо дар ҳаминҷо ба таври васеъ бартарияти приснипи “ҳамсол ба ҳамсол”-ро баҳо дода метавонем. Воқеан ҳам, таҳия ва амалигардонии барномаи таълимӣ ва аз рӯи приснипи “ҳамсол ба ҳамсол” дар макотиби таҳсилотӣ ғайривоқеъист, лек бо истифодаи ин принсипи омӯзишӣ, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамарӯзаи таблиғотию маърифатӣ, аз ҷумла миёни ҷавонон амри мудаост. Масалан, дар гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ба монандӣ: тренингҳои омӯзишӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, озмунҳо бо иштироки бевоситаи худи шахси ҷавон бамаврид аст. Мавриди гузаронидани чунин чорабиниҳо, фаъолияти зеҳнии шахси ҷавон инкишоф меёбад, ҷаҳонбинии ӯ васеъ гашта,

маҳорати ровигӣ ва сарварӣ дар ниҳоди ӯ ташаккул меёбад, инчунин ҳамсолон низ бо диққат ӯро гуш карда, рафтор, ҳаракат ва маълумотҳои иброзкардаи ӯро ҳамчун намунаи ибрат қабул намуда, рафтору кирдори худро нисбатан тағйир медиҳанд.

Дигар он ки, мавриди гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ (тренинг, семинар) аз тарафи шахси ҷавон, новобаста аз дараҷаи маълумотнокияш шахси ҳамсоли шунавандаи ӯ бо назардошти синнусол худро озод ҳис мекунад, тарсу ваҳмро аз худ дур месозад, баҳсу мунозира доир мекунад, нисбат ба мавзӯъ баромад мекунад, мустақилона кор мекунад ва ғайра. Бевосита шахс дар ин ҳолат имконияти ташаккулёбӣ меёбад, доираи ҷаҳонбиниаш васеъ мегардад, маводи заруриро вобаста ба қобилифтнокиаш ба тезӣ аз худ мекунад.

**Хусусиятҳои принсипи "ҳамсол ба ҳамсол"**

- Мунтазам бурдани таблиғот байни ҳамсолон, мусодат ба балангардии сатҳи маърифатнокии ҳамсолон;
- Эҳтироми фикру ақида ва манфиатҳои якдигар;
- Расонидани маълумоти дуруст ва оммафаҳм;
- Ҷалб ва ҳавасманд намудани ҳамсолон ва маълумотнокгардонии онҳо;
- Фароҳам овардани шароити мусоид барои озод ҳис кардани ҳамсолон ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар ҷараёни сӯҳбат ва вохӯриҳо;
- Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамсолон;
- Махфӣ нигоҳ доштани сиру асрори шахси ҳамсол.

Бартарияти амалӣ намудани чорабиниҳои фарҳанигию маърифатӣ аз рӯи *принсипи "ҳамсол ба ҳамсол"* дар он аст, ки дар он шахс фаъолона иштирок мекунад, имконияти васеъи аз худ кардани маълумотҳоро пайдо мекунад. Ҳамчунин, яке аз хусусиятҳои асосии ин принсипи фаъолият дар он аст, ки шахси ҷавони омӯзонидашуда ҳамин иқдомро нисбат ба шхсони дигари ҳамсол давом медиҳад, корҳои

таблиғотӣ мебарад, вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо ташкил карда, ҳамсолони худро бо маълумотҳои зарурӣ фаро мегирад. Ва ҳамсолони ӯ, ки доир ба ин ва ё он маълумот бархурдор гаштанд, ба дигар рафиқон ва дӯстони худ чорабиниҳои таблиғотӣ ташкил мекунанд.

## 1.3. УСУЛҲОИ МУНОСИБАТ

Одамон тамоми ҳаёт муносибат мекунанд. Муносибати одам ҳануз аз давре оғоз мегардад, ки ӯро ҳамчун кӯдаки навзод аз батни модар мегиранд ва сахт такон медиҳанд ва он вақт ба итмом мерасад, ки бо амри тақдир он шахс аз дунё чашм мепӯшад ва ҳама наздикон ва шиносон ӯро иҳота карда, то манзил (кабр) гусел мекунанд. Ҳаёти мо ҳама сар то по аз муносибатҳо ва муоширати байниҳамӣ иборат аст, ин ба мо маъқул аст ва ё нест, аз мо вобастагӣ надорад.

Ва муқаррарист, одамоне, ки нисбат ба дигарон маҳорати хуби муошират доранд, одатан ҳаёти беҳтарин доранд ва ҳамеша комёбӣ ва муваффақиятҳо пешоҳангашон мебошад. Ин маънои онро надорад, ки онҳо ягон намуди илмҳои ғайб ва ё махсусро медонанд, ё ин ки онҳоро махсус тайёр кардаанд - ҳаргиз не, фақат, ки онҳо нисбат ба дигарон муносибат ва муошырати хуб ва беҳтар карда метавонанд.

**Муносибат**, барои шахс силоҳест, ки ӯро дар майдони обрӯй, нуфуз ва эҳтиром аз ҳама гуна фишороварӣ, нафрат ва туҳмату таҳқири атрофиён эмин медорад.

Дар ҳаёти ҷавонон бошад, махсусан дар ташаккулёбии ҳаёти онҳо маҳорат ва қобилияти муошират ва муносибати хуб доштан аз ҳама неъмати беҳтарин ва бебаҳо ба шумор меравад, ки он ба муваффақиятҳои комил дар фаъолияти корӣ, ҳамчунин оиладорӣ метавонад боис гардад.

Доштани муносибати хуб нисбат ба ҳамсолони худ мавриди ташкили чорабиниҳои иттилотию маърифатӣ ба беҳтарин дастовардҳо метавонад ноил гардонад. Воқеист, ки мавриди баромад кардан, сухан гуфтан атрофиён ба тамоми ҳаракатҳои ровӣ назар мекунанд. Ҳар як ҳаракати

ӯро - тарзи суханронӣ, баланду пастии овоз, шаҚи зоҳирӣ, сират, тартиби қадамзанӣ, назар, чеҳра ва ғайра, ки хусусиятҳои барандаро дарбар мегиранд, мушоҳида мекунанд, баҳо медиҳанд ва мавқеъ ва муносибати худро нисбат ба шахси ровӣ муайян мекунанд.

Дарачаи азхудкунии маълумот ва ё иттилоот аз тарафи шунавандагон аз муносибат, муомила ва муошрати бевоситаи баранда вобастагӣ дорад. Набояд фаромӯш кард, ки мақсади асосӣ мавриди ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ маълумотнок гардонидани чавонон мебошад ва зарур аст, ки кӯшиш ба ҳарч диҳем, то маълумоти иброзгашта аз тарафи шунавандагон, пеш аз ҳама қабул ва қадр гашта барои беҳ гардонии шароити зист истифода гардад. Вале мутаасифона бисёр мавридҳое мешавад, мо фаромуш мекунем, ки шунаванда вазифадор нест, то суханони изҳор кардаи моро қадр ва қабул кунад ва ё вобаста ба суханони мо муносибатҳои худро мутобиқ гардонад. Шахс дар ҳама маврид озод аст ва ин озодиро вобаста ба чорчӯбаи муайяни муошрату муносибатҳои инсонӣ ва махсус муайянгашта амалӣ менамояд. Чорчӯбаи махсус муайянгаштаро дилхоҳ барандаи дилхоҳ чорабинӣ нисбат ба иштирокчиён муайян менамояд. Барнада вазифадор аст пеш аз ҳама шунавандаро нисбат ба маълумотнокӣ чалб намояд, бо ҳаракатҳою муомила ва муошрати эҳтиромонаи худ дилгарм намояд, то шунаванда сабру тоқат ва таҳамулнокиро пеша карда маълумот ва иттилооти аз тарафи баранда иброз гаштаро қабул ва аз худ кунад. Ҳамчунин, мавриди баромад барандаро психологи хуб шуданаш лозим меояд. Чунки ҳар як шунаванда ба худ хоҳиши шахсӣ ва хислати ба худ хосро соҳиб аст. Ва барои он ки шунаванда изҳороти барандаро дарк ва аз худ намояд, лозим аст, ки хоҳиш ва нуқтаи назари шунаванда, қобилият ва маҳорати ӯро низ дарк намояд ва вобаста ба иқтидорнокии ӯ муносибати худро чиҳати расонидани иттилоот амалӣ гардонад. Танҳо баъди гузаштани ҳамин қадамҳои муносибат ва баҳодиҳӣ шахси баранда ва ё ровӣ метавонад бомуваффақият маълумоти

заруриро ба шунаванда расонад.

Барои муносибати беҳтарин доштан ва ба мақсади худ ноил гаштан мебояд донист:

• ҳамеша дар муносибат ва муоширати байниҳамӣ нисбат ба ҳамсол, калонсол ва ё хурдсол хурдсол бо сабру тоқат, таҳамулнок ва гӯяндаю шунавандаи хуб будан лозим;

• аз оне ки нисбат ба ҳамсоли худ чизе бештар медонӣ набояд фахр кард, ҳатто мебояд зоҳиран нишон дод, ки сатҳи дониш ва маълумотнокии ту низ баробари маълумотнокии ӯст, танҳо фарқ дар он аст, ки оид ба мавзӯи ҷорӣ каме маълумот бештар дорӣ;

• муносибат ва муоширати баранда нисбат ба шунаванда ҳамеша бояд намуна бошад;

• дар хотир бояд дошт, шахсоне (иштирокчиёне) ҳастанд, ки сатҳи донишашон нисбат ба сатҳи дониш ва маълумотнокии баранда зиёд аст, фарқ танҳо дар он аст, ки шахси баранда оид ба мавзӯи ҷорӣ бештар маълумот дорад. Инчунин, шунавандагонеро вохӯрдан мумкин аст, ки нисбат ба мавзӯи ровӣ баромаддошта маълумоти кофӣ низ доранд. Бинобар ин, барандаро зарур аст, ки мавриди баромад ин гуна бартариҳоро дар ёд дошт ва ҳамеша нисбат ба шунавандагон бо эҳтиром, нарму таҳамулнок муносибат кард;

• ҳурмату эҳтиромро нисбат ба муносибати байниҳамӣ ҷой додан лозим, фикру ақидаи шунавандагонро ҳамеша бояд эҳтиром ва қадр кард;

• сараввал, бодиққат суханони шунавандаро мебояд гуш кард, сипас хулоса карда, сухан мебояд гуфт;

• дар муносибат ва рафтор нисбат ба шунавандагон ботамкин ва намуна мебояд буд;

• мавриди сухан гуфтан ва ё гуш кардани шунаванда, чеҳраи хуш, сирати зебо ва рафтори хубро мебояд нишон дод.

Моро аз хурдсолӣ аслан ба сухан гуфтан ва ҳарф задан омӯзонидаанд, на ба тарзхои суханронӣ ва муоширати хушу

ҳаловатбахш. Бинобар ин, лозим аст, ки ҳар яки мо мавриди муносибат кардан бо назардошти нуқтаи назари шунаванда усулҳои беҳтарини суханрониро истифода барем, то инки диққати ӯро ба суханронии худ ҷалб намоем.

Чи тавре дар боло иброз кардем, мавриди ташкили машғулият фасилитатор (ровӣ, гӯянда) шахси аллакай оид ба мавзӯи дахлдор омӯзонидашуда мебошад ва иштирокчӣ (шунаванда) шахси оид ба ҳамин мавзӯъ маълумоти кофӣ ва ё тамоман маълумот надошта мебошад.

Инчунин, фасилитатор бояд чунин маҳоратҳои идоракунии аудитория ва нишондиҳандаҳои (хислатҳои) қонеъгардонии талаботи шунавандагонро дошта бошад:

***Фаъолияти фасилитатор аз чӣ бояд иборат бошад***:

- таҳияи реҷаи рӯз (рӯзнома);
- маълумоти мухтассар оид ба мавзӯъ;
- фаҳмонидани мавқеҳои нофаҳмо;
- дастгирӣ ва рӯҳбаланд намудани иштирокчиён;
- қабул, таҳлил ва муҳокимаи ҳамагуна фикру ақидаҳои шунавандагон;
- ба ҳар як иштирокчӣ ҷиҳати иштироки фаъол шароити мусоид фароҳам овардан;
- ба ҷараёни кор дар гурӯҳ бо иштироки бевоситаи шунавандагон қабул намудан қарор ва қоидаҳо дар фаъолият;
- дар ҷараёни баҳсу мунозираи иштирокчиёни машғулият бетараф будан ва қарори умумӣ қабул кардан;
- қоидаҳои қабулкардаи гурӯҳро мутобиқ намудан ва ба тартиб даровардан;
- аз рӯи қоидаҳои қабулкардаи гурӯҳ назорат бурдан;

Ш вобаста ба мақсади машғулият назари гурӯҳро равона сохтан (мутобиқ намудан).

***Вазифаи фасилитатор*** - мусоидат ба қабули қарорҳои дуруст ва ҳақиқатпазири гурӯҳ ва бадастории натиҷаҳои мувофиқ ба мақсади машғулият.

***Фасилитатор*** - ташкилкунандаи ҷараёни муносибат ва

муоширати аъзоёни гурӯҳ барои мубодилаи (ба якдигар расонидани) маълумот байни ҳамдигарӣ мебошад.

***Фасилитатор*** - ба муваффақият ва ба мақсад ноил гаштани аъзоёни гурӯҳ масъул мебошад.

***Фасилитатор*** - дар дилхоҳ муҳокимаронӣ бетараф мемонад, нуқтаи назари худро пеш намегузорад.

***Моҳияти фаъолияти фасилитатор*** - ин бо мақсади амалигардонии вазифаҳои мушаххаси машғулият, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор миёни аъзоёни гурӯҳ мебошад.

***Маслиҳатҳои муфид***:

Ш Боварӣ доштан ба комёбӣ дар амалӣ гаштани вазифаҳои машғулият ва аз ҷониби шунавандагон бо хоҳиши самимӣ қабул кардани он;

Ш Мебояд донист, ки ҳар як шахс бо худ, ба машғулият чизи муҳиме меорад;

Ш Боварӣ доштан ба он ки гурӯҳ иқтидори ҳал кардани проблемаҳои худро дорад;

Ш Эҳтиром нисбат ба эҳтиёҷот, талабот ва манфиатҳои ҳамаи шунавандагон;

Ш Боварӣ доштан ба он, ки ташкили машғулият муҳим аст ва аз натиҷаи он дар ҷомеа саҳми босазое мегузоред.

***Рафторҳои нохуб***: (Набояд ин гуна рафтор кард!)

Ш Танқиди иштирокчиёни машғулият ва рад кардани нуқтаи назари онҳо;

Ш Қабули қарор бе иштироки аъзоёни гурӯҳ;

Ш Маҷбур кардани гурӯҳ ба фаъолияти ғайрихоҳиши онҳо;

Ш Сухани бисёр гуфтан;

Ш Маҷбур кардани гурӯҳ ба қабули қарори номуносиб

***Фасилитатор чиро бояд донад***:

Ш Гуш кунад ва сабри гуш кардан дошта бошад;

Ш Ба эҳсосот дода нашавад;

Ш Диққати гурӯҳро ҷалб кунад;

Ш Гурӯҳро барои ноил гаштан ба мақсади машғулият равона созад.

Дар ҷараёни мусоҳиба фасилитатор бояд:

Ш Масъаларо атрофи мавзӯъ муҳокима намояд, мавқеҳои нофаҳморо фаҳмонад;

Ш Ба ҳар як шахс барои ширкати фаъолона имконият фароҳам орад;

Ш Дар ҷараёни фаҳмондадиҳӣ мисолҳои гуногун орад.

Доштани маҳорати ровигӣ ва муносибати хуб мавриди гузаронидани машғулиятҳо бо усули интерактивии таълим бисёр бармаҳал аст. Яке аз принсипҳои асосии ташкили машғулиятҳо бо усули интерактивии таълим муносибат ва муоширати маҳрамона доштанро ба шунаванда талаб мекунад.

## 1.4. УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ

Чи тавре дар боло иброз кардем, усулҳои интерактивии таълим якчанд намуд мешаванд ва ҳоло мо атрофи ин масъала кор мебарем.

Гузаронидани машғулиятҳоро ба монанди: тренингҳо, семинарҳо ва дигар намудҳои машғулиятҳо, ки бо истифода аз усулҳои зерини интерактивии таълим амалӣ мегарданд ва мӯҳлати камро талабкунанда, мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

### 1.4.1. ҲУҶУМИ ФИКРҲО

**Ҳуҷуми фикрҳо** - усули фикррониии эҷодиест, ки барои ёфтани роҳҳои мушаххаси ҳалли дилхоҳ масъала ба воситаи фикррониии озоди шахсӣ ва иштироки он истифода бурда мешавад. Усули мазкурро барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва фаъолияти ташкилоту корхонаҳои гуногуни эҷодию маърифатӣ ва истеъмолию истеҳсолӣ истифода мебаранд. Бо ёрии ин усули таълимӣ ҷавоби амиқу равшанро ба тези

дастрас кардан мумкин аст. Хусусияти дигари бартарии ин усул дар он аст, ки дар ҷараёни амалигардии он, шахси иштирокчӣ хоҳ нохоҳ дар муҳосиба фаъол мегардад, вобаста ба проблемаҳои мавриди муҳокима қарор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул менамояд.

Сохтори ташкилӣ:

Гурӯҳи муайяни одамон ҷамъ омада бо масъалаи муҳокима ва ё таҳлилшаванда шинос мешаванд, дар ҷараёни он озодона ва фаъол иштирок намуда, фикру анжешаҳои худро иброз менамоянд. Ҳангоми ҳуҷуми фикрҳо ба ақидаҳои пешбаришуда баҳо дода ва ё рад карда намешавад, фикрҳои ҳама аъзоёни гурӯҳ ба пуррагӣ дар тахта навишта шуда, сипас мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар кори он фасилитатор, баранда, иштирокёчиён ва шунавандагон иштирок мекунанд. Мақсади асосии ин усул сифатро аз ҳисоби миқдор ба даст овардан мебошад.

**Принсипи асосии ин усули таълимӣ дар** он аст, ки дар ҷараёни муҳокима ҳар чи бештар нафарон ширкат меварзанд.

Мутахассисони соҳа чунин мешуморанд, ки агар баъди муҳокимаи дилхоҳ масъала ақалан 5-6 ақида қабул гардад, кори ҳуҷуми фикрҳоро бомуваффақият анҷомрасида шуморидан мумкин аст.

Фасилитатор мавриди машғулият дар аудиторияи (синфхонаи) муайяне гурӯҳи иштирокчиёнро ҷамъ оварда онҳоро ба мавзӯъ шинос менамояд. Сипас, атрофи мавзӯъ 5-7 дақиқа мухтассар маълумот медиҳад, яъне мафҳуми мавзӯъ чист, бо кадом мақсад муҳокима мегардад, асоснокии он дар чист ва ғайраро ба аудитория шинос мекунад. Моҳияти усули ҳуҷуми фикрҳо дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он ҳам фасилитатор (баранда) ва ҳам иштирокчӣ (шунаванда) ширкат меварзанд.

Нақши фасилитатор дар он аст, ки ӯ диққати шунавандагонро ҷалб карда, бо саволҳои гуногун атрофи мавзӯъ ба аудитория муроҷиат мекунад. Саволҳо бояд тавре иброз гарданд, ки мушаххас ва фаҳмо бошанд, инчунин мавриди эҳсос кардани мушкилӣ аз тарафи шунаванда

саволҳоро бо ҷавобҳои таблиғотӣ ва ҷалбкунанда қисман пур кардан лозим, яъне ҷавоби дуруст ва мутобиқро аз забони шунаванда мебояд тавре рӯёнд, ки ӯ худ ин зирракиро ҳис накунад. Ҳар як пешниҳоди шунаванда бе муҳокима, новобаста ба он ки он дуруст ва ё нодуруст аст, ба тахта (ватман) навишта мешавад. Танҳо мавриди ибрози ақида ба шунаванда тартиби кӯтоҳи фикрро маънидод кардан мумкин аст. Сипас, баъди оне ки ҳамаи фикрҳо навишта мешаванд, фасилитатор як-як пешниҳодоти шунавандагонро мавриди муҳокима қарор медиҳад: Мс.: «Оё ҳамин таҚиф дуруст аст ва ё не?». Агар дурустии пешниҳодро ҳамагон тасдиқ намоянд, он гоҳ он пешниҳод меистад ва он фикреро, ки аудитория қабул намекунад ва нодурустии онро изҳор мекунанд, он фикрро бо ризоияти муаллиф (шахси гӯянда) аз қатори фикрҳо берун мекунед.

*Ҳамин тариқ нисбат ба мавзӯи ҷорӣ таҚифҳоро ҷамъ оварда сатҳи маълумотнокии аудитория ба таври зерин баҳо дода мешавад*. «Оё Шумо ҳис кардед, ки сараввал нисбат ба ҳамин мавзӯъ қариб ки маълумот надоштед ва ё кам маълумот доштед ва акнун чи гуна маълумот доред. Ва аҷибаш дар он аст, ки маълумоҳоро худи Шумо пешнҳод намудед. Ин шаҳодати он аст, ки дар асл Шумо оид ба ин мавзӯъ маълумот доштед фақат он ки барои дуруст ва барҷо истифода бурдани он шӯбҳа доштед. Акнун ин шубҳаи Шумо шикаста шуд ва Шумо бо боварии комил иброз карда метавонед, ки оид ба ин мавзӯъ маълумоти пурра доред, инчунин ба дигарон низ расонида метавонед».

Тарзи гузориш:

1. Пеш аз машғулият фасилитатор гурӯҳи мақсадӣ ва мавзӯро муайян ва интихоб мекунад.

Фасилитатор ба гурӯҳ моҳияти усули таълимӣ ва қоидаҳои зеринро мефаҳмонад:

- ҳарчи бештар ақидаҳоятонро пешниҳод намоед;
- ҳамаи ақидаҳо навишта мешаванд;
- ягон ақида инкор намегардад;
- ақидаҳо баъди ҷамъбаст муҳокима гашта дурустӣ ва ё

нодурустии онҳо муқаррар карда мешаванд.

2. Ҷараёни интихоби ақидаҳо

- ақидаҳои ноаникро равшан намоед;
- ақидаҳои такроршударо бо ризоияти тарафҳо муттаҳид ва бартараф кунед;
- агар дар гурӯҳ оид ба интихоби фикри муайян нофаҳмӣ пайдо шавад, усули овоздиҳиро ба кор баред;
- ақидаҳое, ки бештар овоз мегиранд, қабулшуда маҳсуб мегарданд.

## 1.4.2. МУҲОКИМАРОНӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ХУРД (кор дар гурӯҳчаҳо)

Муҳокимаронӣ дар гурӯҳҳои хурд - усули таълимие мебошад, ки дар он иштирокчиён имконият пайдо мекунанд, то аз таҷриба ва иқтидори илмию маърифатии худ истифода намуда, масъалаи додашударо мустақилона ҳал намоянд.

Усули таълимии кор дар гурӯҳчаҳо, дар қатори дигар усулҳои интерактивии таълим дар сатҳи байналҳалқӣ эътироф ва қабул гаштааст. Ва бо назардошти бартарияти он ҳамеша мавриди ташкил кардани машғулиятҳои маърифатию иттилоотӣ истифода мегардад.

**Моҳияти асосии** усули муҳокимаронӣ дар гурӯҳҳои хурд дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он хонанда иштирок намуда, имконияти мустақилона интихоб ва ҳал кардани дилхоҳ масъаларо пайдо мекунад. Мавриди истифодаи ин усул малака ва қобилияти фикрии хонанда васеъ мегардад, қобилияти ровигӣ ва шунавандагии хуб шуданро аз худ мекунад, сатҳи тассавурот ва фаҳмиши худро баҳо медиҳад, ғаннӣ мегардонад ва барои қабул гаштани нуқтаи назар ва пешниҳодти худ мубориза мебарад. Ва аз ҳама, муҳимаш он аст, ки ҳамчун аъзои гурӯҳ кушиш мекунад, то мавқеъи худро нисбат ба дигарон беҳтар нишон диҳад ва тамоми тассавуроту донишаро бо тамоми ҳастӣ истифода ва пешниҳод менамояд. Вокеан ҳам, муқаррарист, ки баъди ингуна ҳаракатҳои фаъол ва қобилиятнокӣ шахс ҷамъиятан

фаъол мегардад, фикри якеро рад ва дигареро қабул мекунад - ин худ ҷараёни азхудкунии маълумот ва худинкишофёбӣ мебошад. Новобаста аз он ки шахс фикри пешниҳодгаштаи гурӯҳро қабул ва ё рад мекунад, дар ин ҷараён хоҳ нохоҳ мафкураи вай бо намоён кардани нуқсонҳои мафкуравии дигарон ва худ ва аз худ кардани масъалаҳои зарурӣ, васеъ мегарадад.

**Бартарӣ**:

- ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки ақидаҳои худро дар гурӯҳҳои корӣ пешниҳод карда тақвият диҳанд;
- ҳалл масъалаҳоро беҳтар месозад, малакаҳо ва қобилияти фикрии иштирокчиёнро васеъ мегардонад;
- ба иштирокчиён имконият медиҳад, то аз якдигар нуқсон ва бартарияти тассавурот ва сатҳи донишашонро омӯзанд;
- дар вақти омӯзиш, ҳисси масъулиятнокии иштирокчиён бештар мегардад;
- ба кори пурсамарри гурӯҳ мусоидат мекунад;
- арзишхои шахсӣ муайян мегарданд;
- иштирокчиён имконияти васеъи назоратбарӣ аз ҷараёни таълимро пайдо мекунанд;
- ба иштироки фаъол баҳо дода мешавад;
- иштирокчиён аз фасилитатор начандон вобастагӣ доранд;
- бо роҳи муҳокимаронӣ, фаҳмонидани мавзӯи нав осон мегардад.

**Мебояд донист**:

- супориш бояд саҳеҳ ва фаҳмо бошад;
- иштирокчиён бояд фикрҳои якдигарро гуш кунанд;
- гурӯҳ дар вақти муҳокимаронӣ аз вақти ҷудошуда хабардор бошад;
- дар муҳокима бояд як нафар роҳбарӣ кунад;
- гурӯҳ бояд на аз 5 нафар зиёд иборат бошад;
- ибрози саволҳои тарғиботӣ дар ҷараёни муҳокимаронӣ ёрӣ мерасонад;

• ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд дар ҷараёни муҳокимаронӣ иштирок намоянд.

**<u>Қисмати ташкилӣ</u>**:

1. Иштирокчиёнро ба гурӯҳҳои хурд тақсим кунед - барои бомуваффақият ва мақсаднок амалӣ гаштани вазифаҳои машғулият.

2. Бо супоришхое, ки дар гурӯҳҳои хурд муҳокима мегарданд аъзоёни гурӯҳро шинос намоед - масъалаи барои ҳал дар гурӯҳҳои хурд омодагаштаро равшану возеҳ ба аъзоёни гурӯҳ пешниҳод намоед;

Қоидаи кор дар гурӯҳҳои хурд - ҳар як гурӯҳ баъди тақсим гаштан миёни аъзоёни худ (ҳамчун давлате миёни идоракунандагон) вазифаҳои муайяни идоракунандагиро тақсим мекунанд ва мувофиқи тақсимот шахсони масъулро ба таври зайл интихоб менамоянд:

Сардор (роҳбари гурӯҳ), котиб, сониягар ва баранда.

- сардор - гурӯҳро сарварӣ мекунад;
- котиб - пешниҳодоти азоёни гурӯҳро бемамониат менависад;
- сониягар - вақти ҷудогаштаро назорат мекунад;
- баранда - пешниҳодоти гурӯҳро муррифӣ мекунад, ба саволҳои иштирокчиён дар якҷоягӣ бо гурӯҳ посух мегуяд;

3. Боварӣ ҳосил кунед, ки гурӯҳ мавзӯро ба пуррагӣ фаҳмидааст, саволҳои санҷишӣ диҳед;

4. Барои иҷроиши супориш вақти муайян ҷудо кунед ва аз рӯи вақти ҷудогашта назорати қатъӣ баред;

5. Пешниҳоди натиҷаи кори гурӯҳҳо - аз тарафи барандаи ҳар як гурӯҳ масъалаи пешниҳодгашта бо навбат муҳокима карда мешавад, сипас фасилитатор баромадҳоро ҷамъбаст карда, таклифҳои беҳтарин ва мутобиқро интихоб менамояд. Кори ҳар як гурӯҳро бояд худи гурӯҳ ва ё аудитория баҳо диҳад, дар асл ин гуна баҳодиҳӣ лозим нест, чунки дар гурӯҳ низоъ ва нофаҳмиҳо ба вуҷуд меояд ва кор бомуваффақият анҷом намеёбад. Баъдан, ҳалли масъалаи умумиро дар якҷоягӣ бо ҳамаи аъзоёни гурӯҳчаҳо муайян намоед;

6. Аз кори гурӯҳҳо хулосаи умумӣ бароред - ба ҳама

аҳсан ва офарин гӯед ва ба кори гурӯҳҳо тавре баҳо диҳед, ки камбудиҳои худро танҳо аъзоёни гурӯҳҳо пай баранду халос.

### 1.4.3. МАЪРӮЗАИ ХУРД

Ин усули таълимӣ хусусияти назариявӣ дошта, барои баҳо ва маълумоти умумӣ додан оид ба мавзӯи муайянгашта истифода мегардад.

Мавриди ташкили маърӯзаи хурд аз 10 то 20 нафар шахсон иштирок карда метавонанд ва он набояд аз 15-20 дақиқа зиёд вақтро талаб кунад. Ҳангоми маърӯза кардан давршаҚ ва ё нимдавра гузоштани мизу курсиҳо бамаврид аст.

Дар ҷараёни маърӯза маълумотҳои мухтассар оид ба масъалаи пешбинишуда ва бо иқтибосҳои зиёде аз таҷрибаҳо ва ҳаёти ҳамарӯза ба иштирокчиён расонида мешавад.

**Бартарият**

Бартарияти ин усул дар он аст, ки дар ҷараёни ташкили он сатҳи тассавурот ва маълумотнокии шахс такмил дода мешавад. Шахси иштирокчӣ аллакай барои фаъолона иштирок намудан дар раванди машғулият омода мегардад.

<u>Мебояд донист:</u>

- пеш аз ҳар як машғулият бо истифода аз усули маърӯзаи хурд барои иштирокчиён оид ба мавзӯи пешбинигашта маълумоти мухтассар додан лозим аст;
- маърӯза кӯтоҳ ва фаҳмо бояд бошад на дуру дарозу дилгиркунанда;
- дар ҷараёни маърӯза иқтибос аз таҷриба ва ҳаёти ҳамарӯза оварда онро ба таври ҳазлу шухӣ мебояд ба иштирокчиён расонид, то диққати иштирокчиён танҳо ба машғулият ҷалб гардад (ба хоб фурӯ нарванд, ба якдигар халал нарасонанд);
- намуди зоҳирӣ ва тарзи суханронии баранда бояд диққатҷалбкунанда ва ҳаловатпазиру форам бошад;
- мавриди суханронӣ ба ҳар як иштирокчӣ мебояд дар

мӯҳлати на кам 6-7 сония як маротиба назар кард;

- баромади худро бо назардошти талаботи аудитория ва шароити мавҷуда зарур аст, ки амалӣ гардонид.

### 1.4.4. **БОЗӢ ДАР НАҚШҲО**

Моҳият

Аҳамиятнокии усули таълимии бозӣ дар нақшҳо дар он аст, ки мавриди ташкили он диққати иштирокчиён ба пуррагӣ ҷалб карда мешавад, диққати ҳамаи иштирокчиёни танҳо ба критерияҳо ва шартҳои бозӣ равона мегардад, фикрҳои берунию нисбии онҳо дур мегардад ва чунин шароит фароҳам оварда мешавад, ки иштирокчиёни машғулият худро дар фазои оддӣ ва озод ҳис мекунанд. Шахси иштирокчӣ кӯшиш мекунад, то ки дар ҷараёни бозӣ бо ягон нақши ноайёне ҳам бошад, бартарии худро нишон диҳад. Дар ин усул ду ва ё зиёда шахсон иштирок намуда, нақшҳои додашударо дар доираи мавзӯи муайянгашта ва аз рӯи сенарияи махсус иҷро мекунанд.

Ин усулест, ки барои дарёфти якчанд марому мақсадҳои асосӣ мавриди ташкили машғулият аҳамиятнок ва дар ҳаёти ҳамарӯза боис шуда метавонад.

Расонидани иттилоот

Бозӣ дар нақшҳо, ин усули беҳтарини таълимие мебошад, ки ба таври ҳазлу шухӣ ба якдигар расонидани иттилоот нисбат ба иштирокчиёни машғулият мусоидат мекунад. Он имконият медиҳад, то баранда ҳаргуна таҳавуллот-хаёлфикрии иштирокчиёнро, ки одатан аз тарафи дигар одамон паҳн ва овоза мегарданд, муайян кунад ва нишон диҳад, то онҳоро чӣ гуна бояд фарқ ва ҳис кард. Ба воситаи бозӣ дар нақшҳо одамон метавонанд проблемаҳоеро муҳокима ва таҳлил кунанд, ки онҳоро дар ҳаёти ҳамарӯза бо сабаби ҷой доштани шарму ҳайё дар ниҳодашон одамон наметавонанд фош кунанд.

***Мусоидат ба инкишофи малакаҳои ҳаётӣ*** - мавриди хуб иҷро гаштани бозӣ дар нақшҳо иқтидорнокию маҳоратнокии

иштирокчиён нисбат ба рафтору кирдор то дараҷае такмил меёбад. Он метавонад, малакаҳои мухталифи ҳаётиро дар ниҳоди иштирокчиён ҷой диҳад.

***Робита ва имкониятҳо*** - бозӣ дар нақшҳо метавонад, ба аудитория имкониятҳои маълумотнок шуданро нисбат ба шароитҳое (хизматрасонӣ), ки дар ҷомеа мавҷуданд ё ин ки масалан, оё онҳо дастрасанд барои ҷавонон, ҳуқуқу манфиатҳои онҳо қадр ва эҳтиром мегарданд таъмин намояд. Бо назардошти ҳамаи ин тасдиқот, ҷудо кардани вақти бисёр барои иҷро кардани бозӣ дар нақшҳо аз рӯи принсипи «*ҳамсол ба ҳамсол*» бамаврид аст.

**Бартарият**

Мавриди иштирок дар ин усули таълимӣ, яъне бозӣ дар нақшҳо қобилияти чусту чолокӣ, диққатдиҳӣ, зиракӣ ва ҳозирҷавобии шахс такмил меёбад, малакаи озодфикрӣ ва фаъолу озодона иштирок намуданаш дар раванди машғулият васеъ мегардад. Аъзоёни гурӯҳ имконияти ба якдигар аз наздик шинос шуданро пайдо мекунанд, ки боиси шикастани ниқоби шармгинона ва зоҳир кардани нуқсонҳои (норасоӣ, камбудӣ нисбат ба дигарон) мавҷудаи шахс мегардад. Инчунин, мавриди бозӣ шавқу ҳавас ва рағбати иштирокчиён зиёд мегардад.

<u>Мебояд донист</u>

- дар як бозӣ мутобиқи моҳияти ва хусусиятҳои хоси худ вақт талаб мекунад, бинобар ин бозиро таҳия карда, сипас вобаста ба шароит ва имконот вақтро муайян кардан лозим аст;
- иҷрокунандагон мақсаду мароми нақшҳои худро бояд дуруст дарк намоянд;
- иҷрокунандагон аз нақшҳо баромада метавонанд.

<u>Қисмати ташкилӣ</u>

- Иҷрокунандагонро тайёр кунед, то мафҳуми бозӣ ва шартҳои онро дуруст фаҳманд;
- Шароитро чунин фароҳам оред, ки назоратчиён вазъиятро фаҳманд ва моҳияти нақшро дарк кунанд;

- Аз рӯи амалигардии бозӣ назорат баред;
- Ба иҷрокунандагон ташаккур гӯед, муносибати онҳоро нисбат ба ҳамин бозӣ муайян намоед;
- Дараҷаи дарк ва аз худ кардани (реакция) назоратчиёнро пурсон шавед;
- Натиҷаи бозиро бо назоратчиён муҳокима кунед;
- Фикрҳои иштирокчиёнро муайян кунед ва дар асоси онҳо аҳамиятнокӣ ва бартарияти нақшҳоро нисбат ба ҳаёти ҳамарӯза муқоиса карда, дар зиндагӣ ҳамеша фаъол буданро тавсия диҳед;
- Тафовути вазъияти ҷорӣро нисбат ба ҳаёти ҳақиқии иштирокчиён муқоиса ва муҳокима намоед;

Ҷамъбасти бозӣ.

# БОБИ II. БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ (МОДУЛҲОИ) НАМУНАВӢ ОИД БА ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ОМӮЗИШӢ АЗ РӮИ ПРИНСИПИ «ҲАМСОЛ БА ҲАМСОЛ»

Барои ташкил ва гузаронидани дилхоҳ фаъолият таҳия ва амалигардонии барномаҳои ҷолиб, мушаххас ва оммафаҳм пеш меояд. Ҳар як фаъолият пеш аз оғоз зинаҳои гуногуни таҳиягардиро бо роҳу усулҳои беҳтарин мегузарад, то таҳкурсии устувор ва мувофиқ ба мақсаду мароми худро пайдо намояд.

Дар ҳамин асно, барои бомуваффақият амалӣ гардонидани дилхоҳ фаъолият барномагузории он зарурат дорад. Машғулиятҳои бо усулҳои интерактивии таълим гузаронидашаванда бошад, барномаи таълимӣ ва ё модули махсуси омӯзиширо талаб мекунанд, то ҳар як қадами татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, маълумот ва иттилооти омодагашта ба таври возеҳ ва равшан, ҳамчунин ҷолибу дақиқ ба хонандагон расонида шавад. Масалан: Вақт ва давомнокии машғулият, мавзӯҳои машғулият, кори мустақилонаи гурӯҳ, ташкили бозӣ дар нақшҳо ва ғайра.

Ҳоло якчанд барномаи таълимии фаъолият оид ба ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ бо усули интерактивии таълим аз рӯи принсипи “ҳамсол ба ҳамсол”, ки барои ҳамагуна ташкилотҳои ҷавонон барои кор ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ тавсия гаштааст дарҷ мегардад. Барномаи таълимии мазкур бо назардошти ташаккул ва инкишофи фаъолияти зеҳнию маърифатии ҷавонон, инкишофи малакаҳои муносибат, сарварию идории онҳо ва мутобиқ гардонидани онҳо ба тазодҳои ҷомеаи муосир таҳия гаштааст.

Боварии комил дорем, ки мавриди ташкили машғулиятҳо, чорабиниҳои омӯзишӣ аз рӯи барномаи таълимии зерин бурдбориҳо ва муваффақиятҳои бепоёнро дар фаъолияти шумо, хонандагон ва истифодабарандагони азиз ноил мегардонад.

**Қайди махсус**

*Барномаҳои таълимии зерин намунавӣ буда, бо дарназардошти таҷриба ва аҳамиятнокии онҳо нисбат ба насли ҷавон таҳия гаштааст. Тартиби гузаронидани машғулиятҳо (тренинг, семинар) қадам ба қадам муайян гаштаанд, ҳамчунин усулҳои амалигардонии ҳар як қадами машғулият низ дар қавсҳо нишон дода шудааст. Маълумот дар бораи тартиби истифодабарии усулҳои таълимӣ дар боло иброз гаштааст ва ҳар як қадамро вобаста ба онҳо амалӣ намоед. Вақт барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо бошад, мӯҳлати на зиёд аз 8 соат ва на кам аз 4 соатро дарбар мегирад. Ҳар як ташкилкунанда вобаста ба шароити худ ва иштирокчиён метавонад вақтро муайян созад. Яъне, машғулиятро метавон дар як рӯз анҷом до два ё то 4-5 рӯз идома дод. Сифатнокии машғулият аз миқдори вақти ҷудокардашуда, вобастагӣ дорад, вақти зиёд, сифати боло ва вақти кам сифати камтарро таъмин менамояд.*

## 2.1. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) "ТАШКИЛИ ТИМ-КОМАНДА"

«*Барои ба зудӣ ба даст овардани муваффақият зарур аст, ки мақсади асосиро нисбат ба мақсадҳои ҷорӣ дучанд пеш гузошт*»

(***М.Планк***)

**Қадами 1. Бозии маърифатӣ**

Барои рӯҳгарм намудан ва шикастани ниқоби шармгинонаи иштирокчиён, мебояд бозии маърифатӣ (дилхоҳ) ташкил намуда, то дар он иштирокчиён бо шавқу рағбати зиёд ширкат варзанд.

**Қадами 2. Маьлумоти мухтассар оид ба мафҳуми машғулият** (маърӯзаи хурд)

Машғулияти мазкур бо усули интерактивии таълим аз рӯи принсипи "ҳамсол ба ҳамсол" гузаронида мешавад.

**Мақсади машғулият**: Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии иштирокдорони машғулият дар соҳаи ташкили ТИМ (команда), аз ҷумла барои соҳиб гаштани маҳорати кор дар гурӯҳ, тартиби ташкил ва гузаронидани ҷамъомаду вохӯриҳо, баромад кардан ва худро идора карда тавонистан дар назди гурӯҳ, усулҳои бадастории ризоият ва ҳамдигарфаҳмӣ дар гурӯҳ ва усулҳои сарварӣ.

**Қадами 3. Сохтори ташкилии гурӯҳ** (ҳуҷуми фикрҳо).

Барои бо муваффақият амалӣ гардонидани дилхоҳ мақсад ва вазифаҳои стратегӣ аз ҳисоби мутахассисон гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад. Ва бо мақсади устуворона ба роҳ мондани кор зарурати тартиб додани сохтори фаъолият пайдо мегардад. Сохтори фаъолияти корӣ чорчӯбае мебошад, ки ҳамагуна қадамҳои фаъолият, мақсаду маром, вазифаҳои стратегӣ ва ӯҳдадориҳоро дарбар гирифта, мувофиқи қобилияти ҳар як мутахассис амалӣ гардонида мешавад. Бинобар ин, бояд дар назар дошт, ки ҳар як гурӯҳ, ҳар як ҷамъиятро пеш аз созгор ёфтанаш таҳияи сохтори махсуси фаъолият пеш омадааст, ва агар на, имрӯз мо ҷомеаро ҳамчун гурӯҳи одамон дониста наметавонистем.

Муроҷиат ба аудитория:

Масалан, дилхоҳ, гурӯҳро лозим аст, ки роҳномаҳои зеринро доро бошад.

"*Пешниҳодоти зерин ба таври саволу ҷавоб бо аудитория таҳлил ва муҳокима мегардад. Ҳар як мафҳумро зарур аст бо тартиб ва саволҳои мувофиқ, бо иштироки аудитория муайян намуд, кушиш ба харҷ додан лозим, то изҳороти пешниҳодгаштаи аъзоёни гурӯҳ, таҳлил гашта сипас навишта шавад.*"

1. Тамоюл, майл ба фаъолият

- тайёрӣ ба кор ва умед аз ояндаи хурсандибахш;
- омӯзиши вазъият, муҳити корӣ ва мавқеъи шахсони ҳамкор;
- нишон додани ҳиссиёти эҳтиёҷмандӣ нисбат ба обрумандон ва мансабдорон;
- талаб ва дарёфт намудани мавқеъи худ дар ҳама ҳолат.

2. **Рӯҳафтодагӣ**
- ноумедӣ, дур мондан аз ҳақиқат;
- норозигии роҳбарият ва ҳамкорон;
- норозигӣ аз мақсадҳо, вазифаҳо ва нақшаҳои фаъолият;
- ҳисси бесалоҳиятӣ;
- баҳс барои ҳокимият ва идоракунӣ, таваҷҷӯҳ.

3. **Ризоият**
- шинохтани фарқият байни интизорӣ ва ҳақиқат;
- ҳалли зиддиятҳо;
- бадастории боварӣ, эҳтиром, дилпурӣ ва дастгирӣ;
- тақсими ӯҳдадорӣ.

4. **Кор**
- хурсандӣ нисбат ба иштирок доштан дар кори гурӯҳ;
- кори якҷоя, муттаҳидии қувваи команда;
- ноил гаштани муваффақиятҳо ва бобарориҳо дар кор;
- кори баландсифат.

5. **Хотима**
- изҳори қаноатмандӣ ба иштирокчиёни гурӯҳ;
- шиддатнокии табъ ва ё тез паст гаштани он;
- қаноъатмандӣ нисбат ба дастовардҳо;
- ҳисси наздикшавӣ ба аъзоёни гурӯҳ.

**Қадами 4. Таҳияи сохтори таркибии гурӯҳҳо** (кор дар гурӯҳчаҳо)

Иштирокчиёнро ба се гурӯҳҳои хурд ҷудо карда, ба онҳо вазифа гузошта мешавад: «*ҳар як гурӯҳ ба худ гузаронидани чорабиниеро интихоб карда* (*чорабинӣ дар мактаб*, *дар кӯча ва ғайра*) *сохтори таркибии онро тартиб медиҳанд*».
- Мақсад
- Вазифа
- Вақт ва давомнокӣ
- Нақшаи тақвимӣ
- Масъулон
- Натиҷа

**Қадами 5. Ташкили ҷамъомад** (вохӯрӣ) (маърӯзаи хурд, ҳуҷуми фикрҳо)

*Худ мафҳуми ҷамъомад*, *маънии худро муарифӣ*

*менамояд*. “ҷамъомад” мавриди вохӯрӣ ва суҳбати ду ва ё зиёда шахсон бо ҳамдигар, барои муҳокима, ҳал ва амалӣ гардонидани марому мақсадҳои муайян ва манфиатнок гузаронида мешавад.

Эҳтимолияти дар танҳоӣ ва мустақилона кореро ба пуррагӣ ва устуворона анҷом додани шахс хело кам аст. Воқеан ҳам, дар урфият мегуянд, ки “Кори шасх дар алоҳидагӣ хуб аст, вале дар ҳамроҳӣ бо шахси дигаре, боз беҳтар”. Аз ҳаминҷост, ки масъалаи ташкил ва гузаронидани вохӯрию ҷамъомадҳо ба миён омадааст.

**Муроҷиат ба аудитория**:

**Ҷамомадхо чӣ гуна мешаванд**?

- омодагии хуб доштан;
- нақшаи кории стратегӣ;
- рӯзномаи муфид, проблемаҳоро ба пуррагӣ дарбар гирад;
- тайёр кардани ҳуҷҷатгузорӣ;
- иштироки пурра;

ва ғайра.

**Аз чӣ бояд оғоз кард**?

Дар бисёр ҳолатҳо иштрокчиёнро саволи “Аз чӣ бояд оғоз кард”? ба андеша фурӯ мебарад. Воқеан ҳам, ҳар як чорабинӣ ибтидою интиҳо дорад, вале аз ҳама мушкил, ин оғоз кардани чорабинӣ мебошад, ки ҳамчун одат ташвишҳои зиёдеро ба миён меорад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки ба иштирокчиён мисолҳои гуногуни мушаххас (вохӯрӣ бо директори мактаб, бо рафиқон дар Қуби варзишӣ ва ғайра) оварда, тартиби гузаронидани вохӯриҳоро ба онҳо фаҳмонид.

Ҳангоми ҳамагуна вохӯриҳо шумо бояд донед, чӣ мақсад доред, чиро аз худ кардан мехоҳед, чӣ натиҷаҳоро ноил гаштан мехоҳед ва ғайра.

**Нақши баранда ва ё фасилитатор**

Пеш аз он ки масъалаи муайян кардани барандаи ҷамъомад пеш ояд зарур аст, сараввал тартиби рафти ҷамъомад муайян карда шавад, яъне ҷамъомад чӣ тавр

гузаронида мешавад, кадом проблемаҳоро дарбар мегирад. Ҳамчунин, мавриди баргузорӣ мебояд донист, ки то кадом андоза натиҷаҳои он зарур бошад, ҳамон андоза маҳорати гузаронидани он аҳамиятнок мегардад. Барандаро мебояд мафкураи рӯҳан пурқувват дошта бошад, мавриди баргузории ҷамъомад саволҳои сершумор иброз мегарданд, ки баранда метавонад худро гум кунад. Ҳар як иштирокчӣ бо таври ба худ хос ба чорабинии пешбинигашта назар мекунад, проблемаҳои заруриро муҳокима мекунад, саволҳо медиҳдд ва ғайра.

**Вазифаҳои ҷамъомад**

Вазифаҳои ҷамъомад, ин масъалаҳое мебошанд, ки дар ҷараёни ҷамъомад мавриди муҳокима қарор мегиранд ва ба пуррагӣ мадди назари иштирокчиён мебошанд. Барои бомуваффақият гузаронидани вохӯрӣ зарур аст, ки қисмати ташкилии он омода гашта, вазифаҳо вобаста ба талаботи проблемаҳои ҷамъомад ба таври мушаххас муайян ва таҳия гардад.

<u>Ҷараёни ташкил ва гузаронидани ҷамъомад:</u>

1. Тайёрӣ - тайёр кардани маводи зарурӣ ва банақнагирии вохӯрӣ;

2. Баргузорӣ - таҳияи натиҷаҳо ва қарорҳо, муҳокима ва ҳалли якҷояи проблемаҳо;

3. Хотима - тақсимоти вазифаҳо, баҳо додани кор ва муайян кардани фаъолияти минбаъда;

4. Натиҷа - тайёр кардани ҳамаи маводи лозима, нишон додани аҳамиятнокии қарорҳои таҳиягашта.

**Қадами 6. Корҳои ташкилии ҷамъомад** (ҳуҷуми фикрҳо, кор дар гурӯҳчаҳо)

Дар қадами гузашта, мухтассар атрофи мафҳуми ҷамъомад, вохӯрӣ ва тартиби ташкил ва гузаронидани онҳо маълумотдода будем. Бевосита ҳар як ҷамъомад ва ё вохӯрӣ аз қисматҳои ташкилӣ иборат мебошад, ки ташвишҳои зиёдеро ба бор маеорад.

**Мурочиат ба аудитория**:

Барои қисмати ташкилии гузаронидани ҷамъомад чӣ

лозим аст?

- Бинои махсуси баргузорӣ;
- Таҷҳизоти мебелию техникӣ ва конселярӣ;
- Тартиби ҷойгиршавии мизу курсиҳо;
- Тозагии бино;
- Таҷҳизот барои котибот;

ва ғайра

«*Аъзоёни гурӯҳ ба се қисм ҷудо мешаванд. Мо гуфта гузаштем, ки барои ташкил ва гузаронидани дилхоҳ ҷамъомад бино, яъне ҷойи муайян лозим аст ва махсусан дар он тартиби ҷойгиршавии мизу курсиҳо бояд ки мутобиқ бошад. Акнун, Шумо мавриди кор дар гурӯҳдои хурд тартиби ҷойгиршавии мизу курсиҳоро ва хусусияти ҷамъомадро муайян намоед*».

Намуна:

Барои 20 одамон ҷобаҷогузории П-шакл ва ё О-шакли мизу курсиҳо бамаврид аст.

Нимдавра ҷойгир кардани мизҳо бамаврид аст дар ҳолате, ки баранда танҳо дар байн суханронӣ намояд. Ба ӯ ҳаракатҳои тамоми иштирокчиён намоён мегардад ва маълумотрасонӣ низ беҳтар мегардад.

Барои муҳокимаи мавзӯъ дар гурӯҳи хурд ҷойгиршавии даврашаҚи мизҳо бамаврид аст.

Барои ҷамъомади зиёда аз 50 нафар иштироккунанда, ҷойгиркунии “театрии” мизу курсиҳо ба маврид аст.

**Қадами 7. Тартиби гузаронидани ҷамъомад** - бозӣ дар нақшҳо (кор дар гурӯҳчаҳо)

Мавриди гузаронидани ҷамъомад нақши асосиро гурӯҳи корӣ ва шахси баранда мебозад. Барои гузаронидани ҳар як ҷамъомад шахсони масъул ба монанди: сарвар, баранда, котиб аъзоёни гурӯҳи корӣ интихоб мешаванд. Масъулони ҷамъомад ҳар як ба худ вазифаҳои мушаххас доранд ва мавриди баргузории ҷамъомад вазифаҳои худро бояд ба пуррагӣ иҷро намоянд.

Сарвар

- Маҷлисро ташкил мекунад;

- Масъалаҳои ташкилиро ҳал мекунад;
- Пешбарандаро мауайян менамояд;
- ТаҚифҳои ҷолиб ва мувофиқ пешниҳод менамояд;
- Дар ҷараёни ҷамъомад худро нисбат ба дигар аъзоёни гурӯҳ баробар мегузорад, то ин ки баранда озодона ҷамъомадро пеш барад ва суханронӣ намояд;

Котиб

- Рафти ҷамъомадро ба пуррагӣ ва бо тартиби муайян менависад;
- Баромадҳо ва таҚифу пешниҳодоти иштирокчиёнро бе мамониат менависад;
- Бо иҷозати аъзоёни гурӯҳ метавонад таҚиф ва ё пешниҳод намояд;
- Мактубҳои воридгаштаро, ба қайд мегирад ва барои ҷавоб омода намудан ба аъзоёни гурӯҳ пешниҳод менамояд.

Баранда

- Кори ҷамъомадро пеш мебарад;
- Барои муваффақият ба даст овардан, бо тамоми ҳиссиёт ва қобилиятнокии худ баромад менамояд;
- Иштироккунадагонро аз таҳқири якдигар ва фишороварӣ боз медорад;
- Иштироки ҳамаи аъзоёнро таъмин менамояд;
- Ҷамъомадро барои ноил гаштан ба самт ва мақсадҳои пешгирифта, равона мекунад;
- Ба котиб имконият медиҳад, то ин ки ҳамаи баромадҳоро нависад

Аъзоёни гурӯҳ

- Масъалаҳои пешниҳодгаштаро муҳокима ва таҳлил менамоянд;
- Пешниҳодот ворид мекунанд;
- Норозигии худро баён мекунанд;
- Ба рафти ҷамъомад ва кори котиб назорат мекунанд;
- Проблемаҳои сади роҳи фаъолият гаштаро ҳал мекунанд;
- Дар ташкил ва гузаронидани ҷамъомад фаъолона иштирок менамоянд.

**Қадами 9. Баромадкунанда чи гуна бояд бошад? (маърӯзаи хурд, ҳуҷуми фикрҳо)**

Ҳар як шахси баранда бояд донад, ки ба тарзи суханронию ҳаракатҳои ӯ мавриди баромад карданаш дар вохӯриҳо ва ҷамъомадҳо, атрофиён аҳамияти нисбӣ медиҳанд ва қобилияти ӯро ҳаматарафа баҳогузорӣ менамоянд. Шахси баранда бо назардошти ин хусусиятҳои шунавандагон пеш аз ҳама намуди зоҳирӣ, сират, тарзи суханронӣ ва ҳаракатҳои худро таҳти назорати бевосита гирифта вобаста ба муносибати шунавандагон фаъолияти худро ба танзим дароварданаш лозим аст. Гарчанде баранда дар бисёр мавридҳо дар муносибат бо шунавандагон нисбат ба мавқеъи худ ифтихор менамояд, ки маҳз ҳамин гуна рафтори баранда дар бисёри ҳолатҳо ба нобарор анҷом ёфтани кор оврада мерасонад. Аз ин рӯ, шахсро зарур аст, ки ба ин тамоюл аҳамияти ҷиддӣ диҳад, махсусан мавриди баромад дар ҷамъомадхо.

Пешниҳодоти зерин дар якҷоягӣ бо аудитория тартиб дода шавад:

1. **Ҳаракати бадан**

1.1. Намуди зоҳирӣ (сирати шахс) - диққати аудиторияро бештар ҷалб менамояд, эҳтиромро нисбат ба шахси баранда зиёд менамояд.

1.2. Алоқа (тамос) бо назар кардан (ба воситаи чашм) - диққати бевоситаи шунавандаро ҷалб менамояд, ниқоби тарсу ҳарос ва шармгинонаи шунавандаро мешиканад (тақрибан дар фосилаи 5-7 сония ба ҳар як шахси шунаванда мебояд назар кард, аз ҷумла ба чашмонаш).

1.3. Тартиби (тарзи) истодан - имконият медиҳад то баромадкунанда, ҳамчунин шунавандагон худро озодона ҳис намоянд.

1.4. Тарзи гуфтор (суханронӣ) ва андоми чеҳра - ҳиссиёти шахсро бедор менамояд, табъи хуш медиҳад, эҳиром ва диққатнокиро зиёд мекунад.

2. **Овоз ва суханронӣ**

2.1. Забон - гуфторро зебо ва форам мегардонад, рағбати

шунавандагонро зиёд мегардонад, диққати аудиторияро ҷалб мекунад.

2.2. Истодагарӣ байни суханҳо (пауза) - ба нафаскашии озод, фикри муккамал ва ҷо ба ҷо гузоштани суханҳо кӯмак мерасонад, аз суханҳои бемаврид эмин медорад.

2.3. Гуногунии овоз - баромадро бо суханронии амиқу равшан маънӣ медиҳад, ба фаҳмо изҳоргардии сухан мусоидат менамояд.

3. **Аёният**

3.1. Маҳорати ҷалбкунӣ - плакатҳо, филмҳо, слайдҳо, маводи тақсимотӣ, нақшаҳо ва диаграмаҳо, саволҳои ҷолиб ба аудитория, вақт барои саволҳо ва ҷавобҳо.

4. **Ҳаҷв ва ҳазлнигорӣ**

4.1. Мондашавии баранда ва шунавандагонро дур мекунад

4.2. Муносибат бо одамон ва сазовор гаштани муваффақият - 58% аз тан ва ҳаракат, 35% аз овоз ва аз тарзи суханронӣ ва танҳо 7% аз мафҳум ва моҳияти мавзӯъ вобастагӣ дорад.

**Барои баромад кардан чи тавр бояд тайёр шуд**?

1. Пеш аз баромад кардан, каме андеша мебояд кард:

1.1. Ман медонам, ки маро гуш кардан мехоҳанд;

1.2. Ман нуқтаи назари худро бо як ҷумла ва мақсадҳои асосиро бо се ҷумла иброз карда метавонам;

1.3. Оғози суханронии ман пурмӯҳтаво аст, мавзӯъ фаҳмо ва натиҷаи хуб хоҳад дод

1.4. Ҷойҳои асосии баромадро бо рангҳои гуногун ва дар кортҳои махсус ишора кардам. Ман рақамгузории кортҳоро фаромуш накардаам.

1.5. Ман баромади худро дар назди оина ва бародарони худам санҷиш кардам

1.6. Баъди танқиди онҳо ман хатогиҳо ва норасоиҳоямро ба пуррагӣ бартараф кардам

2. Пеш аз баромад

2.1. Ман ба хотир мегирам, ки баромади ман, баъд аз ҷоям хестан дарҳол оғоз мегардад. Ман бо боварии комил ба саҳна

мебароям ва ба аудитория назар мекунам, пеш аз оне ки баромадро оғоз кунам.

2.2. Ман чуқур нафас кашида, баромадро бо овози нарм, кифоя оҳиста ва баланд, то ин ки ҳама овозамро шунаванд оғоз мекунам.

2.3. Ман кӯшиш мекунам, ки ба ҳар як шунаванда назар кунам то баромади худро ба онҳо расонам.

2.4. Ман намегузорам, то дасти ман ба ҷебакам ва ё ба дигар қисмати баданам мавриди сухан рондан расад.

2.5. Дар охири сухан карданам каме ором меистам, сипас бо боварӣ аз саҳна берун мешавам. Баъди баромад аз толор ягон нафар рафиқи худро дарёфт намуда, натиҷаи баромад ва суханронии худро пурсон мешавам, то ин ки камбудиҳоро ошкор намуда, минбаъд аз рӯи онҳо фаъолият барам.

Маслиҳатҳои махфӣ ва муфид барои баранда:

- ором шудан ва дур кардани шиддатнокиро омӯз;
- ҳақиқат, маводи мавҷуда ва аслиро бигу, осонро мушкил макун;
- манфиат ва талаботи шунавандагонро омӯз ва бидон;
- воситаҳои айёнии рангаро истифода бар;
- ҳамеша тайёр бош, мустақилона машқ кун;
- ҳамеша чеҳрахандон бош;
- бо нигоҳи худ ҳамеша бо атрофиён дар тамсо бош;
- аз мисолҳо, иқтибосҳо, далелҳо ва хушҳолии худ истифода бар;
- ҳамеша нуқтаи назар ва ақидаҳои худро рӯи қоғаз сабт кун;
- бо тамоми ҳиссиёт ва хушҳолӣ корро ба анҷом расон.

Қадами 10. Бозии маърифатӣ “Чи тавр миллион долларро бояд тақсим кард”

***Мақсад***: Ба воситаи “Маҳорати дарёфти ризоият ва қаноъатмандӣ” аз байни ҳамаи таҚифҳои пешниҳодгашта, таҚифҳои муовификро интихоб мекунед.

Сараввал, бо усули ҳуҷуми фикрҳо таҚифҳои иштирокчиён пурра навишта мешавад:

- ба ҳар кас хона харидан;

- ҳамаи пулро ба банк гузоштан;
- ба ҳар кас мошин харидан;

ва ғайра.

Сипас, тақсимот мекунед: ҳамаи фикрҳо ба се қисм тақсим карда мешаванд, масалан: 15 адад бошад, 3 тогӣ меафтад. Баъдан иштрокчиён ба овоздиҳи шурӯъ мекунанд. Ҳар як иштирокчӣ ҳуқуқӣ як бор овоз доданро дорад. Баъд аз ин, таҚифҳои қабулгардида ҷо ба ҷо гузошта мешаванд. Аз байни онҳо ду таҚифҳои бештар овозгирифтаро интихоб менамоед. Нуқтаи буриши ин ду овоз таҚифи асосии мо мешавад.

**Қадами 11. Маҳорати дар гурӯҳ ҷорӣ кардани қаноатмандӣ**

Маҳорати ҷорӣ кардани қаноатмандӣ, ризоияти аъзоён ва атрофиён яке аз хусусиятҳои асосии сарварӣ мебошад. Бевосита, барои ҷорӣ кардани қаноъатмандию ҳамдигарфаҳмӣ сарварро лозим меояд, ки проблемаҳои зиёди дар пеш истодаро ҳал намояд. Ва ҳалли ҳамин проблемаҳо низ маҳорати ҷорӣ кардани ризоиятро дар гурӯҳ талаб менамояд.

**Мурочиат ба аудитория**:

«Акнун бигӯед, ба фикри Шумо барои ҷорӣ кардани ҳамдигарфаҳмӣ ва ризоият дар гурӯҳ чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонид».

- муносибати хоксорона бояд дошт;
- аз проблемаҳои аъзоёни гурӯҳ ҳамеша бохабар бояд буд;
- проблемаҳои мавчударо ҳал мебояд кард;
- мавриди зарурат ба аъзоёни гурӯҳ кӯмак расонидан лозим;
- дастоварди муваффақият дар гурӯҳ;

ва ғайра

## 2.2. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) "МАЛАКАҲОИ МУНОСИБАТ ВА ТАРЗҲОИ САРВАРӢ"

**Мавзӯҳои машғулият**:

1. Муносибат
2. Чи тавр шунаванда ва ровии хуб бояд шуд
3. Тарзҳои сарварӣ
4. Усулҳо ва зинаҳои ҳалли проблемаҳо

**Қадами 1. Бозии маърифатӣ «Оқсақоли пинҳонӣ»**

Иштирокчиён давра меистанд. Яке аз онҳо дар байни давра истода, чашмашро мепӯшад. Нафаре аз миёни иштирокчиён, ҳамчун оқсақол ҳаракатҳои гуногуни диққатҷалбкунандаро ба иҷро мерасонад. Боқимонда иштирокчиён ҳаракатҳои ӯро такрор мекунанд. Оқсақол метавонад иваз шавад, вале иштирокчии дар байни давра буда, бояд пай набарад. Ва гурӯҳ ҳарактҳои оқсақоли ивазшударо низ такрор мекунанд.

Вазифаи шахси дар байни давра истода, дарёфти оқсақол мебошад.

**Қадами 2. Такрори мавзӯҳои гузашта**

«*Бачаҳо, чи тавре шумо медонед, дирӯз яке аз ихтиёриёни мо вазифадор гашта буд, ки оид ба мавзӯҳои дар машғулияти якум гузашта мухтасар маълумот медиҳад, акнун суханро ба ӯ медиҳем ва мо ӯро гуш мекунем. Марҳамат*!»

**Қадами 3. Муносибат** (марӯзаи хурд)

Тренер (баранда): *Ин машғулият барои шунавандаи хуб шудани иштирокчиён мусоидат менамояд*.

Сараввал пешбаранда ба иштирокчиён савол медиҳад:

- Мунсибат чист?
- Барои чи муносибат кардан муҳим аст?
- Муносибат чи гуна мешавад?

Муносибат ин расонидани маълумотҳо байни якдигари одамон мебошад. Он метавонад вербалӣ (забонӣ, шифоҳӣ) ва ғайривербалӣ (ишора, имло, назар ва ғайра) бошад, хаттӣ,

нишонӣ, яктарафа ва ё дутарафа бошад.

Муносибати вербалӣ ва ғайривербалӣ чист?

*Муносибати ғайривербалӣ - ин имлову ишора ва муносибати вербалӣ - ин сӯҳбат (сухан кардан) аст.*

**Қадами 4. Чӣ тавр шунаванда ва ровии хуб бояд шуд (маърӯзаи хурд)**

Чи тавр шунавандаи хуб шуд?

1. Имконият диҳед дигарон бемамоният сухан гӯянд
2. Барои худро озод ҳис кардани гӯянда, шароит фароҳам оред
3. Суханони гӯяндаро тақвият диҳед
4. Ба ҳаракатҳои диққаҷалбкунанда аҳамият надиҳед
5. Ба проблема бо нуқтаи назари шунаванда назар кунед
6. Босабру пуртоқат бошед

Чи тавр ровии хуб бояд шуд?

1. Ба худ бовар дошта бошелд, ки шумо он чи ки гуфтан мехоҳед, онро ба пуррагӣ мефаҳмед. Аз ҷумла, мақсади ахбороти шумо дар чист? Чӣ мехоҳед аз касоне, ки шуморо гӯш карда истодаанд?
2. Маълумотатонро то ҳадди имкон соддатар бирасонед
3. Шунавандаатонро омӯзед
4. Бо худ фикр кунед, чӣ тарз ахборотатонро мерасонед
5. Боварӣ дошта бошед, ки рафиқони шумо маълумотҳое, ки шумо пешниҳод мекунед, дастгирӣ мекунанд.
6. Кӯшиш кунед, ки на танҳо шуморо онҳо фаҳманд, балки шумо низ онҳоро фаҳмед.

**Ба муносибати хуб чӣ ҳалалдор мешавад**?

1. Мақом, вазъият
2. Таасуроти аввал
3. Дидани норасогиҳои дагарон, на аз худ
4. Гунаҳкор кардани дигарон
5. Ғазабнокӣ, бесабрӣ

**Қадами 5. Бозӣ дар машқҳо. Вохӯрии бемаҳал** (кор дар гурӯҳчаҳо)

Моро дар ҳаёт бисёр ҳолатҳое мешавад, ки ба вохӯриҳои бемаҳал аҳамият додан лозим меояд. Масалан, Шумо ба хона

медароед ва дар онҷо шахсест, ки 5 сол боз ӯро надидаед ва ҳатто фаромӯш кардед, ки чунин одам дар олам мавҷуд аст. Чӣ гуна рафтор мекунед? Нишон медиҳед, ки Шумо ӯро ба хотир надоред? Ва ё афсус мехӯред, ки чунин мӯҳлати тулонӣ ӯро надидед? Чӣ кор мекунед?

Ин аз ҳама қобилияти муҳим дар гуфтор ва муносибат аст, ки ҳангоми ҳолатҳои бемаҳал, муностибати хайрхоҳона барқарор карда шавад. Вале инсон бо ин маҳорат таваллуд намешавад - ин натиҷаи меҳнатҳои тулонӣ аз рӯи худ мегардад.

Ҳоло низ мо махсус ба ҳамин мавзӯъ машғул мешавем.

Як қатор вохӯриҳои бемаҳалро бо одамони гуногун мегузаронем. Шумо бояд озодона ва бемамониат ба шарикатон сӯҳбат намоед, суханро оғоз намоед ва назари ӯро дастгирӣ кунед.

Иштирокчиёни гурӯҳ рӯй ба рӯй истода, ду давраро ташкил медиҳанд. Давраи дохилӣ ва берунӣ. Давраи дохилӣ дар ҷой қарор меистанд, давраи берунӣ бошад, бо супориши баранда, ду қадам ба тарафи рост қадам мезананд. Мавриди қадам задан шарики нав пайдо мекунанд ва бо ӯ сӯҳбат мкунанд. Ҳамин тартиб 4-5 маротиба такрор меёбад. Ба ҳар як қадам баранда масъалаҳои нав мегузорад.

Масъалаҳо:

1. Дар рӯ ба рӯи Шумо шахсе истодааст, ки Шумо ӯро бори охир вақти дар синфи 1 хонданатон дида будед, бар замми ин Шумо ӯро дарҳол нашинохтед. Каме Шумо фикр карда, сипас сӯҳбатро оғоз мекунед...

*Нақши шахси ношиносро, давраи дохилӣ мебозад.*

2. Дар давраи ҳамсолон Шумо шиноси деринаи худро вомехӯред, ки ба мӯҳлати ду сол ба хориҷа рафта буд ва Шумо фикр мекардед, ки ӯ ҳоло онҷост.

*Нақши дӯсти аз хориҷа омадаро, давраи дохилӣ мебозад.*

3. Шумо дер боз тағои худро надидаед ва ҳатто симои ӯро фаромӯш низ кардаед ва нохост як пагоҳӣ тағои фаромӯшкардаатон ба хонаи Шумо ба меҳмонӣ омад. **Ӯ** дар пеши дарвозаи Шумо истодааст. Ягон сухан гуфтан лозим.

*Нақши меҳмонро давраи дохилӣ мебозад.*

**Қадами** 6. **Усулҳои сарварӣ** (ҳуҷуми фикрҳо)

Тренер: *Кадом намудҳои сарвариро медонед*?

Баъдан сохтори зеринро пешниҳод менамоед:

Тарзҳои сарварӣ:

- Авторитарӣ
- Демократӣ
- Ҳалкунандаи ҳамаи кор

Тарзҳои гуногуни сарварӣ дар ташкилот, корхона, мактаб, синф ва гурӯҳҳо муайян гаштаанд, ҳарчанд вобаста ба одамон ва мавқеъ метавон се тарзи асосиро барои сарварӣ ҷудо кард:

1. Авторитарӣ - сарвар ҳамаи ваколатҳоро соҳиб буда, тамоми фаъолият таҳти назорати бевоситаи ӯ қарор дорад.
2. Демократӣ - ҳамаи аъзоёни гурӯҳ дар ҷараёни қабули қарор иштирок мекунанд.
3. Ҳалкунандаи ҳамаи кор - сарвар ба ҷараёни қабули қарор дар гурӯҳ кам таъсир мерасонад ва ба фаъолияти он кам назорат мекунад.

Сарварон усулҳои роҳбарикунандагиро дар дилхоҳ ҳолатҳо бо тартиби гуногун истифода мебаранд. Ягоне аз усулҳои сарварӣ, идеалӣ маҳсуб намешаванд. Ҳар як намуди сарвариро вобаста ба мавқеъи мутобиқ ва одамон истифода метавон кард. Вобаста ба вақти ҷудошуда, дониш ва малакаи аъзоёни гурӯҳ як усули сраварӣ метавонад аз дигараш бештар манфиатнок бошад.

**Қадами** 7. **Усулҳои мақоми сарвариро соҳиб шудан** (кор дар гурӯҳчаҳо)

«*Акнун биёед ба ду гурӯҳҳои хурд тақсим шуда*, *оид ба муайян кардани роҳҳои усулҳои сарвариро соҳиб шудан мустақилона кор барем*»

Иштирокчиён ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд ва мустақилона кор мебаранд.

**Қадами** 8. **Бозӣ дар машқҳо «Ҳамдигарро даъват кунед»** (кор дар гурӯҳчаҳо)

Тренер: Ҳар як иштирокчӣ худро муаррифӣ намояд, ба худ

хислатеро ном гирад, ки аввали ҳарфаш ба номаш мувофиқ бошад.

Масалан: Мурод - мубориз, Бахтиёр - бошавқ, Раҳим - раҳмдил вағайра.

Сипас ҳар як иштирокчӣ номи дигар иштирокчиёнро бо навбат гирифта, хислати ӯро аз рӯи ном мегӯяд.

**Қадами** 9. **Нақши сарвар** (маърӯзаи хурд)

Ин маърӯза донишҳои иштирокчиёнро барои нақши сарвар тақвият бахшида, барои ба дигар мақсадҳо расидани онҳо мусоидат **мекунад**.

Нақши сарвар: ҳамчун тренер, ҳамчун шахсият, ҳамчун сарвари гурӯҳ, ҳамчун тараққикунанда

- Ҳамчун баранда (фасилитатор, тренер) тамоми диққаташро барои дар худ инкишоф додани хислатҳои сарварӣ равона мекунад
- **Ҳамчун шахсият** ва ҳамчун сарвари гурӯҳ ҷараёни иҷрои масъаларо назорат мекунад
- Ҳамчун сарвари гурӯҳ барои дар дигарон тарбия кардани хислатҳои нав ва ташккули онҳо мусоидат менамояд
- **Ҳамчун тараққикунанда** ҳамавақт барои тараққӣ додани ҷараёни кор мусоидат мекунад.

**Қадами** 10. **Принсипҳои кори сарвар** (ҳуҷуми фикрҳо)

Сарвар ҳамчун шахси идоракунандаи тамоми фаъолияти гурӯҳ:

- Гурӯҳро рӯҳбаланд мекунад ва пешбарандагии корашро ба иҳотакардагон мефаҳмонад;
- Ба натиҷаҳо, ҷараён ва муносибати байниҳамӣ таваҷҷӯҳ мекунад;
- Мавриди саҳмгузории корманд минатдорӣ баён мекунад;
- Дар дигарон хислатҳои хуби инсониро ошкор мекунад;
- Барои ҳамкории фаъол даъват мекунад;
- Роҳҳои хуби ҳал кардани масъалаҳоро пешниҳод менамояд;
- Гурӯҳро рӯҳбаланд мекунад ва пешбарандагии корашро ба иҳотакардагон мефаҳмонад

Ҳамчун сарвар имконият доред, то дар дигарон «сохтани низоми нави корӣ»-ро эҳё кунед, барои ба он равона намудани вақт ва қувва кӯмак расонед. Барои он Шумо бояд ояндаро чунин тассавур кунед, ки он аллакай амалӣ гаштааст. Ба натиҷаҳо, ҷараён ва муносибати байниҳамӣ боддиққат мебошад.

Яке аз талаботи вазифаҳои сарварӣ истифодаи тамоми маҳорат ва малакаи идорӣ барои бадастории натиҷаҳои кор ва муносибати ягона ва ё якранга доштан нисбат ба кормандон аст.

1. Роҳҳои хуби ҳал кардани масъалаҳоро пешниҳод менамояд

2. Гурӯҳ рафтор ва кирдори сарварро мушоҳида мекунад. Рафтори сарвар метавонад барои кори тим (команда) муҳит ташкил диҳад.

3. Роҳҳои ҳалли иҷроиши вазифаро таҳия менамояд. Сарварони ботамкин роҳҳои ҳалли бадастории натиҷаҳои бомуваффақиятро дар якҷоягӣ бо гурӯҳ таҳия менамоянд. Мавриди чунин банақшагирӣ эҳтимолияти бадастории муваффақиятҳо наздик аст.

4. Роҳҳои хуби ҳал кардани масъалаҳоро пешниҳод менамояд. Сарварӣ хуб - ин мутахассисет, аниқ медонад, ки шахс чиро дарёфт кардан мехоҳад. Назорат, мушоҳида, гӯш карда, саволҳо дода сарвар метавонад ба шахс барои дарёфт намудани мақсадҳои ба миён гузоштааш кӯмак расонад.

Қадами 10. Кор дар машкхо «Сарварӣ мумтоз»

«Бачаҳо, акнун биёед ба ду гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, оид ба муайян кардани нақши сарвари поктинат ва инсондӯст ба воситаи тасвири расм мустақилона кор барем»

<u>Вазифа:</u> *Тасвири расми сарвар бо назардошти хислат ва хусусиятҳои он*

**Ҷамбасти рӯз**: Мавриди ҷамъбаст тренер яке аз иштирокчиёни фаъолро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намуда аз ӯ хоҳиш менамояд, ки пагоҳ пеш аз машғулият оид ба мавзӯи имрӯза каме маълумот диҳад.

## 2.3.БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) "ҲАРАКАТИ ИХТИЁРӢ"

**Мавзӯҳои машғулият**:

1. Ҳаракати ихтиёрӣ дар ҷомеаи муосир
2. Принисипхои ҳаракати ихтиёрӣ
3. Маҳфили ихтиёриёни ҷавон
4. Фаъолияти Маҳфили ихтиёриёни ҷавон

**Қадами** 1. **Бозии маърифатӣ «Харитаи ҳаёт»**

«*Ба ҳар як иштирокчӣ яктогӣ варақ ва қалам таъмин намоед*. *Хоҳиш намоед*, *ки дурнамои* (*ояндаи*)*ҳаёташонро ба таври харита тасвир кунанд*. *Баъди анҷомёбии вақти муйянгашта ҳар як иштирокчӣ харитаи тасвир кардаашонро мавриди муҳокима қарор медиҳанд*».

**Қадами** 2. **Такрори мавзӯҳои гузашта**

«Бачаҳо, чи тавре Шумо медонед, дирӯз яке аз ихтиёриёни мо вазифадор гашта буд, ки оид ба мавзӯҳои дар машғулияти якум гузашта мухтасар маълумот медиҳад, акнун суханро ба ӯ медиҳҳем ва мо ӯро гуш мекунем. Марҳамат!».

**Қадами** 2. **Ҳарикати ихтиёрӣ дар ҷомеаи муосир** (маърӯзаи хурд)

<u>Назария ва амалияи ҳаракати ихтиёрӣ</u>

Дар ҳар як ҷомеа қишри муайяни шахсони фаъоли ҷамъиятӣ мавҷуданд, ки дар ҳамаи ҳолатҳо нисбат ба атрофиёне, ки ба ёрӣ мӯҳтоҷанд, кӯмаки беғаразона мерасонанд. Агар чунин фаъолият ба худ шакли доимӣ гирад, пас доир ба мафҳуми ихтиёрӣ, хайрхоҳӣ сухан хоҳад рафт. Далели таърихист, ки бештари ихтиёриён ҷавонон мебошанд. Фаъолияти ихтиёрӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки қобилияти худро санҷанд, ҷаҳонбинияшонро васеъ гардонанд ва дар ин ва ё он фаъолияти меҳнатӣ таҷриба ҳосил кунанд.

Дар шароити ҳозира ихтиёрӣ шахсест, ки худро ба бартарафсозии проблемаҳои иҷтимоии ҷомеа масъул медонад.

Мақсаду мароми ҳаракати ихтиёрӣ, ин иштироки

фаъолонаи шаҳрвандони ҷавон ҷиҳати баамалбарории талаботҳои асосии одамон дар бунёд сохтани ҷомеаи осоишта, боадолат ва хайрхоҳ мебошад.

Назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва назарияи ҳаракати ихтиёрӣ асоси ягонаи ғоявӣ ва фалсафӣ доранд:

- **ҷомеаи шаҳрвандӣ** - ин натиҷаи таъсири мустақилонаи аҳолӣ нисбат ба ҳокимияти давлатӣ барои бадастории манфиати шаҳрвандӣ мебошад;
- **ҳаракати ихтиёрӣ** - ин роҳи комёбӣ ва пешрафти ҷомеаи шаҳрвандии одамон аст, ки новобаста аз давлат ва дастruҳои мақомоти болоӣ амал мекунад.

Ихтиёрӣ - ин зуҳуроти ғайримаъмул ва ташаббусноки бевоситаи шаҳрвандист. Дар баробари ин, ихтиёриён ба корҳо ва барномаҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматию, ҷамъиятии байналмилалӣ ва ватанӣ ҷалб карда мешаванд, инчунин дар ташкилотҳои давлатӣ, аз қабили беморхонаҳо, корҳои ҷамъиятӣ, мактабҳо, интернатҳо ва ғайра метавонанд мустақилона фаъолият намоянд.

Ихтиёрӣ (англ. volonteer — ихтиёрӣ) - шахсоне мебошанд, ки бо мақсади маълумотнок гардонии ҷомеа доир ба бартарафкунии проблемами ҳаётӣ ва расонидани кӯмакҳои беғараз ва хайрхоҳ, фаъолият мебаранд.

Фаъолияти онҳо бо ихтиёр ва розигии худ новобаста аз манфиатнокӣ амалӣ мегардад. Онҳо метавонанд расмӣ ва ё ғайрирасмӣ амал кунанд, ё ин ки дар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатию ҷамъиятӣ, ташкилотҳои хусусии тиббӣ, соҳаи маориф ҳамчун аъзо фаъолият баранд.

Ҳаракати ихтирӣ яке аз шаклҳои асосии муттаҳидсозии одамон дар атрофи ғояи «дастгирии ихтиёрӣ» ба он касоне, ки дар вазъияти ногувор афтодаанд ва барои бартараф намудани проблемаҳои онҳо ба даҳолати дигарон мӯҳтоҷанд маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ шахсоне, ки ба хадамоти ихтиёрӣ аъзо мешаванд, кӯшиш мекунанд, ки талаботҳои иҷтимоии худро дар муносибат ва дастгирии атрофиён, барои ба комёбӣ ноил гардидани онҳо қонеъ гардонанд. Дар ҳаёт бисёре аз мо ихтиёрӣ мешавем: Аз ҳисси некӣ ба зайифон

ёрӣ мерасонем, вақти пурқимати худро дареғ надошта бо дигарон мубодилаи дониш, маҳорат месозем. Ихтиёриён ивазнашавандаанд, зеро ҳангоми нарасидани мутахассисони соҳавӣ онҳо қувваи иловагӣ ба шумор меравaнд, то ин ки дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳо, маъракаҳои таблиғотӣ нисбат ба афкори иҷтимоӣ саҳми худро гузоранд. ***Кӯмакрасонии ихтиёрӣ*** (***хашар***) дар урфу одат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик мақоми хосаеро доро мебошад. Дар деҳаҳо расму оинҳое мавҷуданд, ки одамон ҷамъ омада «ҳашар»-кори якҷоя эълон мекунанд. Онҳо барои сохтмони як хона якҷоя амал намуда, кӯмаки беғаразии худро мерасонанд. Ё ин, ки ҳангоми мусибати сахти ба сари ягон хонавода омада, аҳли деҳа ҷамъ шуда, кӯмаки беғаразона мерасонанд. Бештар гурӯҳи ихтиёриён дар корҳои саҳро, шанбегӣ, дар хирманкубӣ, дар сарбанд кардани обҳои киштукор, дар тӯйю маросимҳо хизмат мерасонанд. Оилаҳо қаблан «ҳашар» эълон мекунанд, зиёфат ва ҳамаи он лавозимоте, ки барои меҳнати зиёд зарур аст, омода месозанд.

Чӣ тавре иброз гашт, ихтиёрӣ шахсест, ки дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа ихтиёриёна иштирок намуда, новобаста аз манфиатнокӣ дар пешравандагии он саҳмгузор мебошад.

Мақсади ихтиёрӣ:

Пешравандагии ҷомеа, инкишоф додани тафаккури насли наврасу ҷавон, раҳсипоӣ ба тарзи ҳаёти солим ва дур кардани фарди ҷомеа аз падидаҳои номатлуби ҳаётӣ мебошад.

**Вазифаҳои ихтиёрӣ**:

- тарғибу ташвиқи тарзи солими ҳаёт дар байни насли наврасу ҷавон;
- маълумотнок гардонидани ҷавонон оид ба хатарнокии падидаҳои номатлуб дар ҳаёти онҳо ва пешгирии он;
- ихтиёриёна, новобаста аз манфиатнокӣ, иштирок намудан дар корҳои ҷамъиятию манфиатбахш ба ҷомеа, кӯмак расонидан ба маъюбон, бепарасторон, пиронсолон;
- ҳидоят кардани ҷавонон ба ватанпарастию инсондӯстӣ, илмомӯзию забондонӣ ва хоксорию поктинатӣ.

**Қадами 4. Принсипҳои ҳаракати ихтиёригӣ- маърӯзаи хурд**

Тренер: Чӣ тавре дар боло иброз кардем, ҳаракати ихтиёрӣ ҳаракатест, ки баҳри дастгирии мӯҳтоҷон ва кӯтоҳдастон ва ё умуман баҳри пешрафти ҷомеа амал мекунад. Дар баробари ин, ҳаракати ихтиёрӣ принсипҳои хоси худро дорад.

Принсипхои асосии ҳаракати ихтиёригӣ:

1. **Ихтиёрӣ ва покдилона дар тараққиёт ва шукуфонии ҷомеа фаъолият бурдан**

Шахси ихтиёрӣ он вақт ҳамчун ихтиёрӣ шинохта мешавад, ки агар ӯ ихтиёран барои дастгирии мӯҳтоҷон: пиронсолон, маъюбон, беморон ва бурдани корхои манфиатнок барои ободонии маҳал, пешравандагии ҷомеа ва тараққиёти давлат саҳмгузор бошад.

2. **Муносибати эҳтиромона**, **хоксорона ва хайрхоҳона нисбат ба атрофиён доштан**

Ҳар як шахсро дар оила, мадди аввал дар рӯҳияи эҳтирому ростқавлӣ, хоксорию поктинатӣ ва поквиҷдонию инсондӯстӣ тарбия мекунанд. Ин хусусияти хоси инсону инсонигарист, ки ба ҳар як фард таманно карда мешавад. Шахси ихтиёрӣ бошад, шахсест, ки нисбат ба атрофиён ҳамеша дар ғамхорию мехрубонӣ буда, ҳурмату эҳтиром ва савховатмандиро дар фаъолияти худ пешаи рӯзмараи корӣ менамояд.

3. **Аз худ дур кардани кибру ғурур нисбат ба атрофиён ва пеша кардани сабру тоқат ва таҳамулнокӣ дар ҳаёти ҳамарӯза**Дар ҳаёт шахсе бе кубру ғурур шуда наметавонад. Ҳар як қадами шахс бо тарсу ҳарос, зиддиятҳо ва нафратҳо фаро гирифта мешавад. Ва маҳз аз ҳамин хусусиятҳои табии инсонӣ, нисбат ба атрофиён кибру ғурур ва бесабрию бетоқатӣ пайдо мегардад, ки оқибати хуб надорад. Барои дучор нагаштан ба оқибатҳои он шахсро зарур аст, дар ҳолатҳои зарурӣ худро идора карда тавонад ва кибру ғурурро аз худ дур намояд.

**Қадами 5. Ихтиёрӣ ва саҳми ӯ дар ҷомеа** (маърӯзаи хурд, кор дар машқҳо)

Тренер: Саҳми шахси ихтиёрӣ дар ҷомеа басо бузарг аст.

Чӣ тавре дар боло иброз гардид *кӯмакрасонии ихтаёрӣ* (ҳашар) дар анъанаҳои миллии ҳалқи тоҷик мақоми хосаеро пайдо кардааст. Дар деҳаҳо расму оинҳое мавҷуданд, ки одамон ҷамъ омада «ҳашар»-кори якҷоя эълон мекунанд. Онҳо барои сохтмони як хона якҷоя амал намуда, кӯмаки беғаразонаи худро мерасонанд. Ё ин, ки ҳангоми мусибати сахти ба сари ягон хонавода омада, аҳли деҳа ҷамъ омада, кӯмаки беғаразона мерасонанд. Бештар гурӯҳи ихтиёриён дар корҳои саҳро, шанбегӣ, хирманкубӣ, дар сарбанд кардани обҳои киштукор, дар тӯйю маросимҳо хизмат мерасонанд. Оилаҳо қаблан «ҳашар» эълон мекунанд, зиёфат ва ҳамаи он лавозимоте, ки барои меҳнати зиёд зарур аст, омода месозанд.

**Қадами 6. Рафтору кирдори шахси ихтиёрӣ** (кор дар гурӯҳчаҳо)

«*Бачаҳо, акнун биёед ба ду гурӯҳои хурд тақсим шуда, оид ба рафтору кирдори шахси ихтиёрӣ нисбат ба атрофиён мустақилона кор барем*»

Иштирокчиён ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Баъд аз мӯҳлати муайянгардида, намояндагони гурӯҳҳо бо навбат баромад намуда, пешниҳодоти гурӯҳро иброз менамоянд. Вобаста ба пешниҳодоти онҳо тренер рафтору кирдорҳои намунавии ихтиёриёнро муайян месозад.

Шахси ихтиёрӣ кадом рафторҳоро бояд соҳиб дошад?

- ҳурмату эҳтироми доимӣ нисбат ба атрофиён
- сабру тоқат ва таҳамулнокӣ
- ростқавлӣ, поквиҷдонӣ
- ғамхор ва хайрхоҳ

ва ғайра

**Қадами 7. Бозии маърифатӣ**

«Гурӯҳ давра меистанд, баранда яке аз иштирокчиёнро интихоб карда, ӯро супориш медиҳад, ки ягон расмро тасвир намояд (масалан: манзил ё ҳавопаймо) ва ду нафари дигар ба ӯ кӯмак мерасонанд. Агар ин се нафар вазифаро ӯҳдабаро нагарданд, бозиро тарк мекунанд. Ҳамин тартиб, то аёми муайян гаштани ғолиб бозӣ давом меёбад»

**Қадами 8. Маҳфили ихтириёни ҷавон** (маърӯзаи хурд, ҳуҷуми фикрҳо)

Тренер: Ихтиёриён метавонанд расмӣ ва ғайрирасмӣ амал кунанд ва ҳамчун узви ташкилотҳои ихтиёрӣ шуда, фаъолият намоянд. Ҳоло дар Тоҷикистон чанде аз чунин ташкилоту маҳфилҳои ихтиёрӣ таъсис ёфта, дар самтҳои гуногун фаъолият доранд. Мисоли он шуда метавонанд, Маҳфилҳои ихтириёни ҷавон (МИҶ), ки бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа ва Хуҷанд таъсис дода шудаанд ва онҳо бо мақсади маълумотнок намудани наврасону ҷавонон оид ба Тарзи Ҳаёти Солим (ТҲС), аз ҷумла пешгирии нашъамандӣ ва ВИЧ/СПИД аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолият мебаранд.

**Муроҷиат ба аудитория**:

Акнун бигӯед, ба фикри Шумо аъзоёни МИҶ, чӣ гуна корҳоро баҳри пешрафт ва устувории ҳамсолони худ ва ҷомеа анҷом дода метавонанд?

- корҳои маърифатнокию таблиғотӣ байни ҳамсолон доир ба бартарафкунии проблемаҳо;
- ташкили семинарҳои омӯзишӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва ВИЧ/СПИД;
- расонидани кӯмакҳои беғаразона ба шахсони мӯҳтоҷ ва ҷавонон аз гурӯҳҳои озордида;
- муносибати хайрхоҳона нисбат ба атрофиён, аз ҷумла ҳамсолони худ.

Чӣ тавре дар боло зикр гашт фаъолияти МИҶ аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» ба роҳ монда шудааст. Аҳамиятнокии истифодабарии принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» мавриди фаъолият дар он аст, ки дар чорабиниҳои пешбинишуда худи наврасону ҷавонон иштирок менамоянд. Яъне шахси ҷавон маълумоти гирифтаашро ба шахси дигари ҷавон «ҳамсолаш» мерасонад (интиқол медиҳад).

Аз ҳамин лиҳоз, принсипи «ҳамсол ба ҳамсол» яке аз принсипҳои беҳтарини иттилоотнокӣ (таълимӣ) эътироф гаштааст. Инро имрӯз қисми зиёди ташкилотҳои ватанию

байналхалқӣ мавриди фаъолият истифода мебаранд.

**Қадами** 9. **Тартиби таъсиси МИҶ**- (кор дар гурӯҳчаҳо)

Барои идора кардани дилхоҳ фаъолият дар чорчӯбаи муайян сохтор ва тартиби муқаррарии коргузорӣ лозим аст. Ҳар як ташкилот сарфи назар аз шакли моликият мавриди таъсис ёфтанаш фаъолиятро аз таҳия ва тасдиқи Низомномаи (Оинномаи) ташкилот оғоз мекунад. Сипас барои мақоми ҳуқуқӣ додан ҳуҷҷатҳои лозимаро омода карда, ба хадамоти дахлдор дархост менамояд. Аз рӯзи ба имзорасии (тасдиқгардии) Низомнома, ташкилот мақоми ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Дигар вазифаҳо дар таъсиси ташкилот, аз муқаррар кардани доираи фаъолият, вазифаҳо, самти фаъолият, ҳайати корӣ, дарёфти бинои корӣ ва таҷҳизоти техникию мебелӣ ва ғайра иборат мебошад.

Тартиби таъсисёбии МИҶ бошад дар фарқият аз ташкилоти расмӣ дар он аст, ки он шахси ҳуқуқӣ (юридикӣ) намебошад, чун он ингуна салоҳият ва масъулиятро надорад, чунки он ба қайди давлатӣ гирифта намешавад. Он маҳфил аст, ба он одамон ихтиёриёна аъзо мешаванд. Дигар тартиботи коргузории МИҶ бошад, ба сохтори ташкилоти муқаррарӣ монанд аст. МИҶ-ро мумкин аст дар назди дилхоҳ ташкилот ва ё сохторҳои кор бо ҷавонон таъсис дод.

Муроҷиат ба аудитория:

Ба се гурӯҳ тақсим шуда, ҳар як барои гурӯҳи худ МИҶ бо номгузории махсус таъсис медиҳем.

<u>Мавзӯъ</u>: Таҳияи тартиботи таъсиси МИҶ.

Маҳфили ихтириёни ҷавон (минбаъд, Маҳфил) иттиҳодияи ихтиёрии ҷавонон буда, дар назди сохторҳои кор бо ҷавонон таъсис дода мешавад.

1. Низомномаи Маҳфил
- ҷараёни ба роҳ мондани кор, рафту омад
- принсипҳои фаъолият
- ҷараёни маблағгузории фаъолият
2. Роҳбарияти Маҳфил
3. Аъзоёни Маҳфил
- усулҳои ҷалбкунӣ барои аъзогӣ ба Маҳфил

- манфиатнокии аъзоёни Маҳфил

4. Дарёфти муассис ва ба имзорасонии шартнома

**Фаъолияти МИҶ**

Маҳфили ихтириёни ҷавон хадамоте мебошад, ки он дар самти дастгирии эҳтиёҷмандон, бурдани корҳои таблиғотӣ ва маърифатнокии наврасон ва ҷавонон фаъолият мебарад. Дар симои МИҶ, мо хадамотеро мебинем, ки он дар самти бо иттилооти васеъ ва дастрас фаро гирифтани фаъолияти ҷавонон кор мебарад, то инки дилхоҳ ҷавони маҳал барои бартараф намудани проблемаҳои иҷтимоии худ бо боварии комил тавонад ба МИҶ мурочиат намояд ва ба саволҳои худ ҷавоб ёбад.

Мурочиат ба аудитория:

Акнун бигӯед, ба фикри Шумо МИҶ бояд кадом самтҳои фаъолиятро дарбар гирад.

**Мавзӯъ**: Самтҳои асосии фаъолияти МИҶ

- ба маълумотҳои ҷолиб фарогирии ҷавонон;
- бартарафи кардани рафторҳои номатлуб дар байни насли наврасу ҷавон;
- паст кардани сатҳи нашъамандӣ ва бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВИЧ/СПИД;
- чорабиниҳои таблиғотӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатнокӣ;

ва ҳоказо

Дар боло мо бо Шумоён самтҳои асосии фаъолияти МИҶ-ро муайян кардем. Воқеан ҳам ҳар як хадамот, самт, фаъолият ва ё дилхоҳ ташкилот ба худ мақсад ва вазифаҳои хосро доро мебошад. Чӣ тавре иброз гардид, мо мехоҳем, то МИҶ кисмҳои асосӣ ва муҳими ҳаёту фаъолияти ҷавононро дарбар гирад. Инчунин, вазифаҳои МИҶ низ ҳоло барои мо аниқу равшан нест.

**Мавзӯъ**: Муайян карданимацеад ва вазифаҳои МИҶ: (намуна)

Мақсади МИҶ: Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии наврасон ва ҷавонон дар самти бартараф кардани проблемаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёту фаъолияти

ҳамарӯза, расонидани кӯмак, дастгирии хайрхоҳона нисбат ба ҳамсолон, аз ҷумла ҷавонони аз гурӯҳҳои озордида.

Вазифаҳои МИҶ:

• дарёфт, ҷамъоварӣ ва вусъати иттилоот вобаста ба проблемаҳои иҷтимоии ҷавонон;

• таҳия ва амалигардонии маводи иттилоотӣ (буклет, лифлет, плакат, китоб...) дар байни наврасон ва ҷавонон;

• ташкил ва гузаронидани пурсишҳо вобаста ба проблемаҳои ташвишовари ҷавонон;

• ташкили машғулиятҳои омӯзишӣ дар байни наврасону ҷавонон аз рӯи принсипи «ҳамсол ба ҳамсол»;

• бурдани корҳои таблиғотию маърифатнокии мақсаднок дар самти дастгирии иҷтимоию иқтисодии ҷавонон, таҳкими тарзи ҳаёти солим ва пешгирии падидаҳои номатлуб дар байни онҳо;

ва хоказо

**Қадами 11. Ҷамъбасти рӯз**: Мавриди ҷамъбаст тренер яке аз иштирокчиёни фаъолро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намуда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки пагоҳ пеш аз машғулият оид ба мавзӯи имрӯза каме маълумот диҳад.

## 2.4. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) "ОДАТҲОИ НОМАТЛУБ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН"

МАВЗӮЪ: «НАШЪАМАНДӢ»

**Қадами 1. Бозии маърифатӣ "Шиносоии ҷуфтҳо"**

Баранда пешниҳод менамояд, ки ҳар нафар ба худ ҷуфти муносиб меёбад. Баъдан дар муддати 1 даққиқа ҳар як иштирокчӣ дар бораи худ маълумот медиҳад. Шунаванда ҷуфти худро муаррифӣ мекунад.

**Қадами 2. Қоидаи гурӯҳ** (ҳуҷуми фикрҳо)

"*Бачаҳои азиз*!

*Ҳамаи мо медонем, ки дилхоҳ фаъолият қоидаву принсипҳои муайяни худро дорад. Фарз кардем* «*Шустани мошин*», *барои шустани мошин пеш аз ҳама иҷозати соҳиби мошнро гирифтан лозим, ки берун ва даруни мошинро шӯем, бо шампун ва ё бо оби тоза. Ва сипас мавриди шӯстан аввал об пошидан лозим ва пок кардан лозим ва ғайра ҳамаи ҳамин ба қоидаи гурӯҳ дохил мешавад.*"

Акнун ба ман бигӯед, барои мо чигуна қоидаҳои гурӯҳ лозим, ки машғулиятамон бомуваффақият анҷом ёбад?

«*Суханҳои иштирокчиён бе муҳокима ба таври зерин дар ватмани овезон шуда, навишта мешавад*»

- дасти боло
- бо навбат сухан гуфтан
- сухани якдигарро набуридан
- фаъолона иштирок кардан

ва ғайра

**Қадами 3. Намудхои маводи нашъадор** (ҳуҷуми фикрҳо)

Шумо кадом намуди маводҳои нашъадорро медонед? *Ҷавобҳои нисбатан дуруст.*

- героин
- гашиш
- афён
- банг

ва ғайра

**Қадами 4. Нашъамандӣ ва оқибатҳои он** (маърӯзаи **хурд)**

Тренер: «Дар ҳаёт падидахои ва одатҳои гуногуни номатлубе ҷой доранд, ки аз таъсири онҳо саломатии мо, рӯҳияи мо хароб ва заиф мегардад. Аз қабили, нашъамандӣ, сигоркашӣ, носкашӣ, истеъмоли маводҳои спиртдор, ки онҳоро одатҳои бад меноманд, мебошад.

Суханро бештар атрофи намудҳои нашъа, истеъмол ва оқибатҳои он мебояд равона сохт. Аз ҷумла:

- Оё мумкин аст, ки мавриди як ё ду маротиба чашидани маводи нашъадор нашъаманд гардӣ?
- Оё мумкин аст, мавриде, ки шахси нашъаманд нашъаро аз ҳад зиёд истеъмол менамояд табобат шавад?
- Мумкин аст, ки кӯдак нашъаманд гардад, мавриде, ки яке аз волидон то таваллуди ӯ нашъаманд бошад?
- Барои табобат ба куҷо бояд нашъаманд мурочиат намояд?
- Бо чи гуна нишонаҳо мумкин аст, ки шахси нашъамандро маълум намоӣ?

**Қадами 5. Таҳкими фаъолияти зеҳнӣ** (саволу ҷавоб)

Тренер: *Бачаҳо*, *Шумо аллакай дар барои нашъамандӣ маълумот пайдо кардед*. *Акнун биёед ҳамаи маълумотҳои гирифтаамонро як бори дигар такрор кунем*.

«*Тренер оид ба проблемами нашъамандӣ ва проблемаҳои он дар ҳаёти ҷавонон сухан мекунад*».

## МАВЗӮЪ: «СИГОРКАШӢ ВА МАЙНУШӢ»

**Қадами 1. Зарари сигоркашию майнушӣ ва оқибатҳои он** (ҳуҷуми фикрҳо)

Тренер: *Бачаҳо ба ман бигӯед*, *ки зарар ва оқибатҳои сигоркашию майнушӣ чи гунаанд*:

**Қадами 2. «Модели сигор»**

Таҷҳизот: як шишаи полиэтиленӣ (баклашка), тӯбча аз пахта, сигори бе филтр, гугирд.

Тренер: Ба сарпуши баклашка ба андозаи сигор сурох кунед. Тӯбчаи пахатагинро аз тарафи дарунии сарпуши

баклашка гузоред, баклашкаро зер карда, ҳавои дар он будаpo берун кунед ва сигорро аз берун ба сурохии сарпӯш ҷой карда сарпӯшро маҳкам кунед. Сигорро дар гиронед ва оҳиста-оҳиста ба он ба воситаи сигор ҳаво дохил кунед. Баъди сухта тамом шудани сигор нишон диҳед, ки тӯбчаи пахтагин чи гуна намуд гирифтааст. Вай бо заҳри сигор рӯйпуш гашта, бӯйи тези бетаъб дорад.

Ба иштирокчиён нишон додан лозим, ки ба шиши шахсони истеъмолкунандаи сигор низ ҳамин хел ҳодиса рӯй медиҳад, ин қабати рӯйпуш кардаи тӯбча бошад, ахлоти тамокӯ мебошад. Тӯбчаро аз бакалшка гирифта, онро ба варақи сафед афшонед ва гӯед, ки ҳамин хел низ ҳолат ба организми инсон рӯй медиҳад, ҳамин аст таъсири никотин.

Баъди машғулият аз иштирокичиён пурсон шавед:

- тӯбчаи пахтагин чӣ гуна намуд дорад?
- баклашка чӣ гуна намуд дорад?
- ба фикри Шумо зарари сигор ба организми инсон чӣ гуна аст?

**Қадами 3. Саволу ҷавоб**

1. Оқибатҳои сигоркашӣ
2. Зарари сигор ба организми инсон
3. Чӣ бояд кард, ки то ба одатҳои сигоркашӣ ва майнушӣ дучор нагардӣ?

**Қадами 4. Бозии маърифатӣ «Шамоли хунук мевазад»**

Иштирочиён бо курсиҳои худ дар ҷойи васеъ давра нишаста, якеро аз байни худ ба сифати ихтиёрӣ пешбарӣ мекунанд. Шахси ихтиёрӣ ба миёни давра мебарояд, мизи ӯро аз қатори нишастагон мегиранд. Шахси ихтиёрӣ бо чунин сухан бозиро оғоз мекунад «Шамол ба тарафи он касоне мевазад, ки онҳо дар сар рӯймол доранд». Мувофиқи шарти бозӣ шахсони дар сар рӯймолдошта аз ҷой хеста ба тарафи муқобили худ дар курсиҳо шинанд, дар ҳамин маврид шахси ихтиёрӣ ба ҷойи ягон нафари онҳо мешинад, ҳамин тариқ бозиро шахси боқимонда давом медиҳад.

**Қадами 5. Саволу ҷавоб**

Барои чӣ инсон ба майнушӣ майл мекунад ва аз он канда

намешавад?

Майнушӣ ба солимии модар ва фарзанди ӯ чӣ гуна зарар мерасонад?

**Ҷамбасти рӯз**: Мавриди ҷамъбаст тренер яке аз фаъолони иштирокчиёнро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намуда аз ӯ хоҳиш менамояд, ки пагоҳ пеш аз машғулият оид ба мавзӯи имрӯза каме маълумот омода намояд.

## 2.5. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) “ОГАҲОНӢ АЗ БЕМОРИҲОИ БА ВОСИТАИ АЛОҚАИ ҶИНСӢ ГУЗАРАНДА”

**Қадами 1. Бозии маърифатӣ**

Бозии мувофиқ

**Қадами 2. Такрори мавзӯи гузашта**

«*Бачахо, чи тавре Шумо медонед, дирӯз яке аз ихтиёриёни мо вазифадор гашта буд, ки оид ба мавзӯҳои дар машғулияти якум гузашта мухтасар маълумот медиҳад, акнун суханро ба ӯ медиҳем ва мо уро гӯш мекунем. Марҳамат*!»

**Қадами 3. Бемории сироятии ҷинсӣ ва оқибатҳои он** (маърӯзаи хурд)

Тренер оид ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва роҳҳои гузуарандигии онҳо чунин маърӯза менамояд.

1. Маълумотнокӣ оид ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва ҳаёти дурусти шахвонӣ
2. Бемориҳои сироятии ҷинсӣ бештар дар байни киҳо дида мешавад?
3. Барои чӣ шахс ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ дучор мегардад?
4. Роҳҳои пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ.
5. Оқибатҳои бемориҳои сироятии ҷинсӣ

ва ғайра

**Қадами 4. Ҳучуми фикрҳо**

«*Бачахо, ба фикри Шумо оқибатҳои ҳаёти шаҳвонии тасодуфӣ ба чи оварда мерасонад*?»

- гирифтор шудан ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ;
- гирифтор кардани дигарон ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ;
- рӯҳан хароб гаштани инсон;
- ноустувор гаштани фаъолияти ҷинсӣ;

ва ғайра

Кадом намудҳои бемориҳои сирояти ҷинсиро медонед?

- гонорея;

- сифилис;
- сузок;
- ВИЧ/СПИД

ва ғайра

**Қадами** 5. **Чи гуна худро аз бемориҳои сироятии ҷинсӣ нигаҳ бояд дошт**?

«Бачаҳо, дар ин қисмати машғулият биёед бо ҳисоби яку дую се ба гурӯҳҳо тақсим шавем»

Иштирокчиён ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба онҳо усулҳои кор дар гурӯҳҳои хурдро мефаҳмонед.

«*Бачаҳо*, *ватманҳое*, *ки дар назд доред*, *дар он номи гурӯҳ ва роҳу усулҳои худро аз бемориҳои сироятии ҷинсӣ нигоҳ доштанро нависед*. *Барои ин ба Шумо* 10 *дақиқа вақт дода мешавад*»

Баъд аз анҷоми кор намояндаи ҳар як гурӯҳ ба навбат баромада кори гурӯҳро пешниҳод менамоянд, сипас ба муҳокимаи он гузаред ва ҷавобҳои дурустро пешниҳод намоед.

**Қадами** 6. **Бозии маърифатӣ «Себхурак»**

Таҷҳизот: Миз, се дона себ, се дона лаълича, се рӯймолча

«*Бачаҳо*, *дар озмуни мазкур се ихтиёрӣ лозим аст*, *воқеан ҳам голиби озмун ба туҳфаи хотиравӣ тақдим мегардад*».

Се нафар ихтиёрӣ баромада бо чашмони баста ва дастон паси пушт ба хурдани себ шурӯъ мекунанд. Шахси аввалин шуда, себро хурда тамом кунад ғолиби озмун дониста мешавад.

**Қадами** 7. **Саволу ҷавоб**

Таҳкими маводи гузашта

1. Чӣ гуна бемориҳо ба воситаи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд?
2. Оқибатҳои ҳаёти шаҳвонӣ чӣ гуна мебошанд?
3. Бемориҳои сироятии ҷинсӣ чӣ гуна нишонаҳо доранд?
4. Эҳтимолияти такроран дучор гаштан ба бемориҳои сироятии ҷинсӣ ҷой дорад?
5. Чӣ тавр аз бемориҳои сироятии ҷинсӣ худро нигаҳ бояд дошт?
6. Дар ҳолати пайдо шудани нишонаҳои бемориҳои

сироятии ҷинсӣ ба кучо мебояд муроҷиат кард?

**Қадами 8. Бозии маърифатӣ**

**Қадами 9. Намоиши филм**

«*Оид ба проблемаҳо ва пешгирии нашъамандӣ мо имрӯз барои Шумо як филим омода намудаем, марҳамат ба тамошои филм*»

**Ҷамъбасти рӯз**: Мавриди ҷамъбаст тренер яке аз иштирокчиёни фаъолро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намуда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки пагоҳ пеш аз машғулият оид ба мавзӯи имрӯза каме маълумот диҳад.

## 2.6. БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ (МОДУЛ) “ВИРУСИ ВИЧ/СПИД ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН”

**Қадами 1. Бозии маърифатӣ «Қолабҳои ҳаракаткунанда»**

Иштирокчиёнро даврашакл ҷамъ оварда, тартиби бозиро мефаҳмонед:

“*Чи тавре аз номи бозӣ бармеояд, мо бояд қолаби якдигарро гирифта, ба шахси дар паҳлӯ истода, расонем. Яъне, ман худро ба монанди харгуш карда, дар ҷой давида меистам ва ба шахси дар паҳлӯям буда, назар мекунам, он шахс низ қолаби маро гирифта, мудате такрор мекунад, сипас ба худ қолабе эҷод карда, ӯро ба шахси дар паҳлӯяш истода медиҳад. Ҳамин тавр, ҳамаи мо бо қолаби гирифта шуда, дар ҳаракат меистем то мӯҳлати муайян.*”

**Қадами 2. Такрори мавзӯҳои гузашта**

«*Бачаҳо, чи тавре Шумо медонед, дирӯз яке аз ихтиёриёни мо вазифадор гашта буд, ки оид ба мавзӯҳои дар машғулияти якум гузашта мухтасар маълумот медиҳад, акнун суханро ба ӯ медиҳем ва мо ӯро гӯш мекунем. Марҳамат!*»

**Қадами 3. Мафҳуми ВИЧ** (маърӯзаи хурд)

Тренер бо иштирокчиён атрофи масъалаҳои зерин сӯҳбат мекунад:

- мафҳуми ВИЧ ё ин ки ВНМО;
- вируси ВИЧ/СПИД дар Тоҷикистон дар кадом марҳила аст ва кай пайдо шудааст;
- ҳолати фарогирии ВИЧ/СПИД дар тамоми ҷаҳон;
- хатарнокӣ ва оқибатҳои ВИЧ;

**Қадами 4. Намудҳои моеъ дар организми одам** (ҳуҷуми фикрҳо)

«*Бачаҳо, бигӯед, ки Шумо кадом намудҳои моеъи дар организми инсон мавҷуд бударо медонед?*»

- арақ;
- пешоб;
- хун;
- оби манӣ (нутфа);

ва ғайра

Бачаҳо, ВИЧ бо кадом роҳҳо мегузарад?

- ба воситаи хун;
- ба воситаи алоқаи ҷинсӣ;
- аз модари сироятёфта ба кӯдаки навзод.

**Қадами 5. Роҳҳои сироятгардии ВИЧ** (кор дар гурӯҳчаҳо)

«*Бачаҳо, акнун биёед ба ду гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, оид ба роҳҳои гузариши вируси ВИЧ ва роҳҳои нагузаштани он мустақилона кор барем*»

Вазифа: Иштирокчиён ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

Гурӯҳи якум оид ба роҳҳои сирояти вируси ВИЧ ва Гурӯҳи дуюм оид ба роҳҳои нагузаштани вируси ВИЧ кор мебаранд.

Баъд аз мӯҳлати муайян гардида, намояндаи гурӯҳҳо бо навбат баромад намуда, пешниҳодоти гурӯҳҳоро иброз менамоянд. Вобаста ба пешниҳодоти онҳо тренер роҳҳои дурусти гузариш ва нагузарандагии вируси ВИЧ-ро муайян месозад.

**Қадами 6. Оқибатҳои вируси ВИЧ дар ҷомеа** (маърӯзаи хурд)

Тренер бо иштирокчиён атрофи масъалаҳои зерин сӯҳбат мекунад:

- роҳҳои гузарандагӣ ва нагузарандагии вируси ВИЧ;
- роҳҳои нигаҳдории худ нисбат ба мубтало гаштан ба вируси ВИЧ;
- умри мубталогаштагони вируси ВИЧ;
- муносибат бо мубталогаштагони ВИЧ;
- бештар киҳо бо вируси ВИЧ мубтало мегарданд?;
- хатарнокии вируси ВИЧ;
- мавриди мубтало гаштан ба ВИЧ ба куҷо муроҷиат бояд кард?

ва ғайра.

**Қадами 7. Роҳҳои нигаҳдории худ аз вируси ВИЧ (кор** дар гурӯҳчаҳо)

«Бачаҳо, акнун биёед ба ду гурӯҳҳои хурд тақсим шуда, оид ба роҳҳои нигаҳдории худ аз вируси ВИЧ мустақилона кор барем»

*Вазифа*: Иштирокчиён ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум оид ба роҳҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва Гурӯҳи дуюм оид ба роҳҳои эмин будан аз ВИЧ кор мебаранд. Баъд аз мӯҳлати муайян, намояндаи гурӯҳҳо бо навбат баромад намуда, пешниҳодоти гурӯҳро иброз менамояд.

Вобаста ба пешниҳодоти онҳо тренер роҳҳои дурусти нигахдории худ аз вируси ВИЧ-ро муайян месозад.

**Қадами** 8. **Бозии маърифатӣ «Номро гир ва тубро ҳавола деҳ»**

Бачаҳо дар бозии мазкур давра истода ба якдигар тӯби аз қоғаз тайёр карда ҳавола медиҳанд. Мавриди ҳавола додани тӯбча дилхоҳ номи роҳҳои сирятёбӣ аз вируси ВИЧ ва ё нагузаштани ВИЧ-ро гирфта, тӯбро ба шахси рӯ ба рӯ истодааш ҳавола медиҳад. Агар шахси тӯбдиҳанда номи усулеро гирад, ки ба воситаи он шахс аз вируси ВИЧ сироят ёбад, пас шахси тӯбқабулкунанда ӯро намегирад, яъне дар ин ҳолат ӯ ба ВИЧ сироят нагашт ва бозиро давом медиҳад, дар ҳолати баракс, яъне агар тӯбро гирад ӯ ба ВИЧ сироят мегардад ва аз бозӣ мебарояд. Ҳамин тавр то як нафар мондан бозӣ давом меёбад.

**Қадами** 9. **Саволу ҷавоб**

Такрори маводи гузашта

- вируси ВИЧ гуфта Шумо чиро мефаҳмед?
- вируси ВИЧ бо кадом роҳҳо мегузарад ва ё намегузарад?
- оё вируси ВИЧ нишонаҳои муайян ва ё зоҳирӣ дорад?
- вируси ВИЧ табобатшавандааст ё не?
- муносибат бо ВИЧ мубталогаштагон?

**Қадами** 10. **Озмун**

Бозӣ ба воситаи шашка ва ҳавасмандгардоиии иштирокчиён

**Ҷамбасти рӯз**: Мавриди ҷамъбаст тренер яке аз иштирокчиёни фаъолро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намуда аз ӯ хоҳиш менамояд, ки пагоҳ пеш аз машғулият оид ба мавзӯи имрӯза каме маълумот диҳад.

# БОБИ III. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

## 3.1. ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

**Ҷомеаи шаҳрвандӣ** - ин ҷамъиятест, ки дар он одамон ба ҳайси шаҳрванд мустақилона фаъолият бурда, барои ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои шаҳрвандии худ дар назди ҳокимияти давлатӣ баромад мекунанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ асосан аз ду сохтори таркибӣ - сохтори давлатӣ ва сохтори ҷамъиятӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, ду мафҳум «сиёсати ҷавонон нисбат ба давлат» ва «сиёсати ҷавонон нисбат ба ҷомеа»-ро истифода мебаранд. Ҳамин тавр, сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон, ки одатан ба ибораи «сиёсати давлатии ҷавонон» ном гирифта мешавад, аз системаи ғоявию ақидаҳои давлат нисбат ба ҷавонон ва маҷмӯи мураттаби тадбирҳои амалии давлат, ки баҳри дастгирии фарди ҷавон равона гардидааст иборат мебошад. Сиёсати ҷамъиятии ҷавонон бошад, аз муносибатҳои байниҳамии ҷавонон ва ҷомеа нборат буда, ташаккули иҷтимоии ҷавононро вобаста ба раванди тараққиёти ҷомеа ва мутобиқшавӣ ба он таъмин мекунад. Сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври муккамал ба роҳ монда шудааст ва нисбат ба амалигардии он давлат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда истодааст. Мавриди иштирок дар сиёсати давлатии ҷавонон малакаю иқтидори зеҳнии қисме аз ҷавонон бою ва ганнӣ мегардад, боқимонда ҷавонон бошад, аз ин бартарӣ воқиф мемонанд. Аз инҷост, ки масъалаи ташаккул ва рушди сиёсати ҷамъиятии ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён меояд. Иштирок дар амалисозии сиёсати ҷамъиятии ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба дилхоҳ фарди ҷавони муташаккил ва фаъол шароит фароҳам меорад, то ба ҳаёти гузори ҷомеа мутобиқ гашта, малакаи идоравӣ ва зеҳнии худро ғаннӣ гардонад.

Дар бахши сиёсати ҷамъиятии ҷавонон бештар

институтҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ фаъолият мебаранд. Фаъолияти устувор дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои тараққикарда бештар назаррас аст, ин шаходати он аст, ки дараҷаи маълумотнокӣ ва иқтидорнокии одамон дар он мамлакатҳо нисбатан баланд аст.

Инчунин, зарурати ташаккули сиёсати ҷамъиятӣ дар он аст, ки дар ҷомеа талаботҳои мухталифи ҳаётии шаҳрвандон мавҷуд аст ва барои ҳалли онҳо танҳо иқтидори институтҳои давлатӣ нокифоягӣ мекунад, чунки сохторҳои давлатӣ дар умум ба фаъолияти идоравӣ машғул мебошанд ва барои ҳал намудани талаботи иҷтимоии шаҳрвандон, онро таҳлилу баҳо дода ва сипас ҳал мебояд кард. Дар инҷо низ зарурати пайдо гаштани институтҳои ҷамъиятӣ пеш меояд, яъне институтҳои ҷамъиятӣ, чӣ тавре аз мафҳуми худи калима маълум аст, ин кор бурдан бо аҳли ҷомеа мебошад. Онҳо фаъолияти идоравиро ба ӯҳда надошта, барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назди давлат кор мебаранд.

## 3.2. НАҚШИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ аз институтҳои ҷамъиятии дар чорчӯбаи қонунгузории давлат амалкунанда иборат мебошад. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ин ташкилотҳои ҷамъиятию ғайриҳукуматӣ, маҳфилу гурӯҳҳои муайяни расман фаъолиятдошта, маҳсуб мегарданд.

Шаҳрвандон новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, чинс, нажод, миллат ба дилхоҳ гурӯҳҳо (колектив), маҳфилҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аъзо шуда (ба кор даромада) қобилияти фикрию амалии худро такмил дода метавонанд. Дар ҷомеа вобаста ба пролемаҳои муайян кор мебаранд, роҳҳои ҳалли он пролемаҳоро ҷустуҷӯ намуда, ҳал менамоянд. Мавриди кор миёни ҷамъият лозим меояд муносибат ва муомилаи хуби инсониро аз худ кунанд, то

мақсади дар пеш гузошта, бомуваффақият амалӣ гардад. Муқаррарист, ки баъди гузаштани ин зинаҳои фаъолият шахс ҷамъиятан фаъол шуда, барои пешбурди ҳаёти мустақилона ва устувор омода мегардад.

## 3.3. ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

Воқеист, ки иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба воситаи институтҳои ҷамъиятии ҷавонон амалӣ мегардад. Институтҳои ҷамъиятии ҷавонон таърихи бою рангин доранд. Солҳои ҳукмронии собиқ давлати Шӯравӣ ташкилоти ҷамъиятии абарқудрати Комсомоли ленинӣ фаъолияти пурсамар дошт. Ташкилоти комсомолӣ тамоми давлатҳои Шӯравиро фаро гирифта буд. Тамоми кадрҳои роҳбарикунанда аз сафи шахсони мактаби комсомолро гузашта, интихоб ва таъин карда мешуданд. Фаъолияти ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба воситаи ин ташкилоти абаркударт устувор ба роҳ монда шуда буд. Тасаввур кунед, ки ба воситаи як ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон иштироки бевоситаи ҷавонони 15 давлати ҷаҳон на танҳо дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки дар сиёсати давлат низ таъмин гашта буд, ки ба мо ҷавонон дарси бузург шуда метавонад.Даро баробари пош хурдани давлати Шӯравӣ ташкилоти комсомолӣ низ барҳам хурд ва фъолияти ҷавонон низ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ коста ва ноустувор гашт. Аз инҷост, ки вобаста ба талаботи сохтори нави давлатӣ, демократикунонии ҷомеа таҳкими фаъолияти ҷавонон дар арсаи сиёсати давлат, яъне таъсиси институтҳои давлатии ҷавонон зарурат пайдо кард. Ва ҳоло, қариб ки дар ҳамаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мақомоти давлатии кор бо ҷавонон таъсис ёфтаанд, ки дар самти сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон фаъолият мебаранд.

Дар соҳаи иштироки ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, дар Тоҷикистон имрӯзҳо зиёда аз 150 иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ки ҳамагӣ 4% ҷавононро ба сафи худ

ҷалб кардаанд фаъолият доранд, вале онҳо мутаасифона вобаста ба шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ талаботи ҷавононро дар маҷмӯъ қонеъ гардонида наметавонад.

Дар саросари ҷаҳон проблемаи костагии сиёсати ҷавонон мавҷуд аст, яъне сохтори муккамали таъмини иштироки ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷуд нест. Дар ҳар як давлат мувофиқи имконоти мавҷуда проблемаҳои иҷтимоии ҷавонон ба таври гуногун фаро гирифта мешавад, дар баъзе аз давлатҳо қисме аз проблемаҳо бештар, дар дигараш камтар ҳал мегарданд. Бар замми ин, проблемаҳое ҳастанд, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, мисоли ин шуда метавонад, паҳншавии нашъамандӣ ва ВИЧ/СПИД, ки тамоми институтҳои давлатию ҷамъиятиро ба ташвиш овардааст.

Ҳамин тариқ, аз инҷо барои бомуваффақият бартараф гаштани проблемаҳои иҷтимоии ҷавонон, масъалаи такмили иштироки ҷавонон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба воситаи ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон пеш меояд.

## 3.4. ҲАРАКАТИ ИХТИЁРӢ ДАР ҶОМЕА

Дар ҳар як ҷомеа қишри муайяни шахсони ҷамъиятан фаъоле мавҷуданд, ки дар ҳамаи ҳолатҳо ба шахсони ба ёрӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷдошта, мусоидат менамоянд. Агар чунин фаъолият ба худ шакли доимӣ гирад, пас оид ба фаъолияти ихтиёрӣ сухан хоҳад рафт.

Далели таърихист, ки қисми зиёди ихтиёриён ҷавонон мебошанд. Меҳнат ва кӯшишу талошҳои ихтиёригӣ ба фарди ҷавон имконият медиҳад, ки қудрат ва тавононии худро санҷад, ҷаҳонбинияшро васеъ гардонад ва дар ин ё он фаъолияти ҳаётӣ таҷриба ҳосил кунад.

Дар шароити ҳозира ихтиёрӣ шахсест, ки худро ба бартарафсозии проблемаҳои иҷтимоии ҷомеа масъул медонад.

Мақсаду мароми ҳаракати ихтирӣ, ин иштироки фаъолонаи шаҳрвандони ҷавон бо мақсади баамалбарории

талаботҳои асосии одамон дар бунёд сохтани ҷомеаи осоишта, боадолат ва хайрхоҳ аст.

Назарияи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва назарияи ҳаракати ихтиёрӣ асоси ягонаи ғоявӣ ва фалсафӣ доранд:

- **ҷомеаи шаҳрвандӣ** - ин натиҷаи таъсири мустақилонаи аҳолӣ нисбат ба ҳокимияти давлатӣ барои бадастории манфиати шаҳрвандӣ мебошад;
- **ҳаракати ихтиёрӣ** - ин роҳи комёбӣ ва пешрафти ҷомеаи шаҳрвандии одамон аст, ки новобаста аз давлат ва даструхҳои мақомоти болоӣ амал мекунад.

Ихтиёрӣ - ин зуҳуроти ғайримаъмул ва ташаббусноки бевоситаи шаҳрвандист. Дар баробари ин, ихтиёриён ба корҳо ва барномаҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматию, ҷамъиятии байналмилалӣ ва ватанӣ ҷалб карда мешаванд, инчунин дар ташкилотҳои давлатӣ, аз қабили беморхонаҳо, корҳои ҷамъиятӣ, мактабҳо, интернатҳо ва ғайра метавонанд мустақилона фаъолият намоянд.

Ихтиёрӣ (англ. volonteer — ихтиёрӣ) - шахсоне мебошанд, ки бо мақсади маълумотнок гардонии ҷомеа доир ба бартарафкунии проблемами ҳаётӣ ва расонидани кӯмакҳои беғараз ва хайрхоҳ, фаъолият мебаранд.

Фаъолияти онҳо бо ихтиёр ва розигии худ новобаста аз манфиатнокӣ амалӣ мегардад. Онҳо метавонанд расмӣ ва ё ғайрирасмӣ амал кунанд, ё ин ки дар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатию ҷамъиятӣ, ташкилотҳои хусусии тиббӣ, соҳаи маориф ҳамчун аъзо фаъолият баранд.

Ҳаракати ихтирӣ яке аз шаклҳои асосии муттаҳидсозии одамон дар атрофи ғояи «дастгирии ихтиёрӣ» ба он касоне, ки дар вазъияти ногувор афтодаанд ва барои бартараф намудани проблемаҳои онҳо ба дахолати дигарон мӯҳтоҷанд маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ шахсоне, ки ба хадамоти ихтиёрӣ аъзо мешаванд, кӯшиш мекунанд, ки талаботҳои иҷтимоии худро дар муносибат ва дастгирии атрофиён, барои ба комёбӣ ноил гардидани онҳо қонеъ гардонанд. Дар ҳаёт бисёре аз мо ихтиёрӣ мешавем: Аз ҳисси некӣ ба зайифон ёрӣ мерасонем, вақти пурқимати худро дареғ надошта бо

дигарон мубодилаи дониш, маҳорат месозем. Ихтиёриён ивазнашавандаанд, зеро ҳангоми нарасидани мутахассисони соҳавӣ онҳо қувваи иловагӣ ба шумор меравconfigured, то ин ки дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳо, маъракаҳои таблиғотӣ нисбат ба афкори иҷтимоӣ саҳми худро гузоранд. ***Кӯмакрасонии ихтиёрӣ* (*ҳашар*)** дар урфу одат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик мақоми хосаеро доро мебошад. Дар деҳаҳо расму оинҳое мавҷуданд, ки одамон ҷамъ омада «ҳашар»-кори якҷоя эълон мекунанд. Онҳо барои сохтмони як хона якҷоя амал намуда, кӯмаки беғаразӣ худро мерасонанд. Ё ин, ки ҳангоми мусибати сахти ба сари ягон хонавода омада, аҳли деҳа ҷамъ шуда, кӯмаки беғаразона мерасонанд. Бештар гурӯҳи ихтиёриён дар корҳои саҳро, шанбегӣ, дар хирманкубӣ, дар сарбанд кардани обҳои киштукор, дар тӯйю маросимҳо хизмат мерасонанд. Оилаҳо қаблан «ҳашар» эълон мекунанд, зиёфат ва ҳамаи он лавозимоте, ки барои меҳнати зиёд зарур аст, омода месозанд.

Чӣ тавре иброз гашт, ихтиёрӣ шахсест, ки дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа ихтиёриёна иштирок намуда, новобаста аз манфиатнокӣ дар пешравандагии он саҳмгузор мебошад.

Мақсади ихтиёрӣ:

Пешравандагии ҷомеа, инкишоф додани тафаккури насли наврасу ҷавон, раҳсипоӣ ба тарзи ҳаёти солим ва дур кардани фарди ҷомеа аз падидаҳои номатлуби ҳаётӣ мебошад.

**Вазифаҳои ихтиёрӣ**:

- тарғибу ташвиқи тарзи солими ҳаёт дар байни насли наврасу ҷавон;
- маълумотнок гардонидани ҷавонон оид ба хатарнокии падидаҳои номатлуб дар ҳаёти онҳо ва пешгирии он;
- ихтиёриёна, новобаста аз манфиатнокӣ, иштирок намудан дар корҳои ҷамъиятию манфиатбахш ба ҷомеа, кӯмак расонидан ба маъюбон, бепарасторон, пиронсолон;

ҳидоят кардани ҷавонон ба ватанпарастию инсондустӣ, илмомӯзию забондонӣ ва хоксорию поктинатӣ.

## 3.5. ДАР ҲАЁТ БИСЁРЕ АЗ МО ИХТИЁРӢ МЕШАВЕМ

Аз ҳисси некӣ дар ҳаёт бисёре аз мо ба заифон, кӯҳансолон, кӯтоҳдастон, кӯдакон, беморон ва ғайра ёрӣ мерасонем, вақти пурқиммати худро дареғ надошта, ба онҳо дар мубодилаи дониш ва маҳорат кӯмак мекунем. Ихтиёриён ивазнашавандаанд, зеро ҳангоми нарасидани мутахассисони соҳавӣ, онҳо қувваҳои иловагӣ-кадрҳои омодагашта ба шумор мераванд, то ки дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ нисбат ба рушди афкори иҷтимоӣ саҳми худро гузоранд. Ҳаракати ихтиёрӣ ба одамоне, ки бадбахтиҳо аз сар гузаронидаанд ва ё нисбат ба худ беадолатӣ дидаанд имконият медиҳад, то муносибати худро на танҳо вобаста ба ин проблема ҷорӣ карда тавонанд, инчунин шароит фароҳам меорад, то ба афкори атрофиён таъсир расонанд ва дигаргуниҳои иҷтимоиро ба амал оваранд. Одамон сарчашмахои нави баробарии шахсӣ ва иҷтимоӣ пайдо мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки ба фарёди онҳо бирасанд ва проблемаҳои дар ҳаёташон мавҷуда ҳалли худро ёбанд.

Аввалин бор мутахассиси кор бо ҷавонон дар яке аз маҳалхои шаҳри Дублини Ирландия соли 1971 қабул карда шуда буд. Аз он вақт то ба имрӯз дигаргуниҳои зиёде ба амал омад, вале асосҳои фалсафии кор бо ҷавонон ҳамон аст, ки буд.

Дастгирии ихтиёрӣ дар анъанаҳои миллим халқи тоҷик мақоми хосаеро пайдо кардааст. Дар дехотҷойхо расму оинхое мавч,уданд, ки одамон ҷамъ омада барои сохтмони ягон хона, коридан ва дарави гандум ва ғайра “ҳашар” эълон мекунанд, якҷоя кор мекунанд, кӯмаки беғаразі худро дареғ намедоранд. Ё ин ки, ҳангоми мусибати сахти ба сари ягон хонавода омада аҳли деҳот ҷамъ омада, кӯмаки беғаразона мерасонанд, маблағ ҷамъ карда шахси мусибатдидаро дастгирӣ менамоянд, ба корҳои хоҷагидории ӯ муддати муайян ёрӣ мерасонанд.

Ҳамаи ин корҳо фаъолияти инсонгароёнаи мардум аст, ки барои дастгирӣ ва хушии ҳаёти якдигар иҷро мегарданд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки мо-ҷавонон камари ҳиммат баста, баҳри пешравандагии ҷомеаи тозабунёдамон фаъолият барем.

Дӯсти азиз!

Чӣ тавре ки зикр гашт, шахси ихтиёрӣ шахсе мбошад, ки дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа ихтиёриёна иштирок дошта, новобаста аз манфиатнокӣ дар пешравандагии он бо фаъолияти беғаразонаи худ саҳмгузор мебошад.

***Мақсади мо***: Пешравандагии ҷомеа, инкишоф додани тафаккури насли наврасу ҷавон, раҳсипоӣ ба тарзи ҳаёт солим ва дур кардани фарди ҷомеа аз падидаҳои номатлуби ҳаётӣ мебошад.

***Вазифхои мо***:

- тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар байни ҳамсолони худ;
- маълумотнок гардонидани ҷавонон оид ба хатарнокӣ ва хавфи падидаҳои номатлуб дар ҳаёти онҳо;
- ихтиёриёна новобаста аз манфиатнокӣ, иштирок намудан дар корҳои ҷамъиятию манфиатбахш ба ҷомеа, дастгирӣ ва кӯмаки беғараз ба маъюбон, бепарасторон, пиронсолон ва дигарон, ки эҳтиёҷманд ҳастанд;
- ҳидоят кардани ҷавонон ба ватанпарастию инсондустӣ, илмомӯзию забондонӣ ва хоксорию поктинатӣ.

Ҳамаи ин маводро аз худ карда, сипас ба раванди он рафтор мекунем, то ба пешравандагии ҷомеа саҳмгузор бошем, зеро барои пешрафт ва гул - гул шукуфоии кишвари азизамон Тоҷикистон саҳми мо, ҳамчун шаҳрванди ватандӯст беназир ва ҳатмист.

## 3.6. МАҲФИЛИ ИХТИЁРИЁНИ ҶАВОН

Маҳфили ихтиёриёни ҷавон (МИҶ) маҳфилест, ки дар он ҷавонони нисбатан фаъоли ҷомеа ҷамъ омада, дар самти бартарафсозии проблемаҳои иҷтимоии худ ва ҳамсолон

фаъолият мебаранд.

Маҳфили ихтиёриёни ҷавон яке аз институтҳои ҷамъиятӣ маҳсуб рафта, иштироки ҷавононро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин ва такмил медиҳад. Яъне фарди ҷавон дар баробари аъзо-дохил шудан ба ҳайати МИҶ имконияти нисбатан фаъол шудан ва соҳиб гаштани малакаҳои идоравию сарварӣ, ровигию ташкилотчигиро пайдо мекунад. Дилхоҳ аъзои МИҶ аллакай барои пешбарии ӯҳдадориҳои идоравии ҷомеа, ҳамчун шахси соҳибистеъдод-кадри тайёргашта шинохта ва тавсия карда мешавад.

Аз инҷост, ки масъалаи таъсиси МИҶ, дар назди ташкилотҳои кор бо ҷавонон зарурат пайдо кардааст. МИҶ, ки вобаста ба низоми фаъолият ҳамчун ташкилоти навтаъсис ва навфаъолияти ҷавонон маҳсуб мегардад, иқтидори махдуд дорад. Яъне барои таъсиси МИҶ пеш аз ҳама ҷамъ овардани сафи аъзоён ва сипас макони корӣ тамоюли асосӣ мебошад. Аз ин рӯ, бинобар махдуд будани иқтидори МИҶ зарур аст, ки он дар заминаи ташкилотҳои кор бо ҷавонон, ташкилотҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятии ҷавонон, ки дорои иқтидори қаввӣ мебошанд, таъсис дода шавад. Оянда хоҳ но хоҳ МИҶ бо аз худ кардани таҷриба ва рушди иқтидорнокӣ ба ташкилоти дорои симои ҳуқуқӣ табдил меёбад ва саҳми худро дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мегузорад. Бинобар ин, таъсиси МИҶ ташкилотҳои кор бо ҷавонон зарурати мубрам дорад. Ҳамчуниин, ташкилотҳои кор бо ҷавонон иқтидори МИҶ-ро барои амалӣ гардонидани фаъолияти каммасрафонаи худ метавонанд истифода баранд.

Таҷриба ва дастовардхои то имрӯз ноил гашта, нишон медиҳанд, ки таъсиси Маҳфилҳои ихтёриёни ҷавон он қадар мушкилие надорад, балки бамаврид ва амалишавандааст, инчунин ягона роҳест барои ҷалб кардани ҷавонон ба ташаккул ва рушди сиёсати ҷамъиятии ҷавонон ва иштироки онҳо дар ҷомеаи шаҳрвандӣ. Аз дастури мазкур истифода бурда метавонед ҷиҳати устуворсозии фаъолият ва иқтидорнокии ташкилот Маҳфилхои ихтёриёни ҷавонро дар асоси Низомномаи мазкур таъсис диҳед.

# 3.7. НИЗОМНОМАИ МАҲФИЛИ ИХТИЁРИЁНИ ҶАВОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Маҳфили ихтиёриёни ҷавон (минбаъд Маҳфил ё МИҶ) иттиҳодияи ихтиёрии ҷавонон буда, дар назди ташкилоти кор бо ҷавонони ноҳияи (шаҳри) ________________ таъсис дода шудааст.

Маҳфил дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” ва ҳамин Низомнома таъсис ёфтааст.

Маҳфил иттиҳодияи ташаббусии наврасон ва ҷавонон (синни 12 то 24 сола) буда, бо мақсади муттаҳид сохтани қувваю неруи наврасон ва ҷавонони нисбатан фаъоли ҷомеа барои дастгирии иҷтимоӣ, аз ҷумла маълумотнокӣ оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ба ҳамсолони худ таъсис дода шудааст.

Маҳфил фаъолияти худро дар асоси Барномаи миллии “Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон” ба роҳ мемонад, ки вобаста ба он принсипҳои асосии фаъолияти Маҳфил - ин ихтиёрӣ, фаъолнокӣ, инсондӯстӣ, инчунин хизматрасонӣ дар рӯҳияи боваринокӣ, дастрасӣ, маҳрамият (махфӣ) ва хайрхоҳона мебошад.

Маҳфил метавонад рамз ва нишони сарисинагии худро дошта бошад.

## 2. ҲАДАФҲОИ АСОСИИ МАҲФИЛ

Фаъол гардонидани наврасон ва ҷалб намудани онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ, хайрхоҳӣ ва хушмуомилагӣ нисбат ба атрофиён, таъмин намудани иштироки онҳо дар таҳия ва амалисозии барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва дигар чорабиниҳои ба ташаккули малакаҳои ҳаётӣ дар самти саломатӣ мусоидаткунанда, ҷалб ва тайёр намудани онҳо ба худташаккулдиҳӣ ва худамалӣ мебошад.

3. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ МАҲФИЛ

- Ҷалб ва иштироки наврасон дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатию таблиғотӣ оид ба тарзи ҳаёти солим (соатҳои тарбиявӣ (дар мактабҳо), семинарҳо, аксияҳо, озмунҳо, саволу ҷавобҳо (викторинаҳо) ва ғайра).
- Ба воситаи ташкил намудани машғулиятҳои омӯзишӣ фаъол гардонидани наврасон ва ҷавонон;
- Ташкил намудани гурӯҳи муттаҳиди ҷавонони фаъол ва хайрхоҳ;
- Мусоидат ба худташаккулёбӣ ва худамалисозии наврасон ва ҷавонон;
- Робитаи бевосита бо роҳбарияти муассисаҳо ва мусоидат ба онҳо дар гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ ва иттилоотию маърифатӣ (мусобиқаҳои зеҳнӣ ва варзишӣ, мизҳои мудаввар, мулоқоту вохӯриҳо, шанбегиҳо ва ғайра.)
- Бедор намудани шавқу рағбати хонандагон ба корҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии наврасон ва ҷавонон оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла, пешгирии бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, нашъамандӣ ва ВНМО\БПНМ;
- Дар ниҳоди ҷавонон ташаккул додани малакаҳои ҳаётӣ, хайрхоҳӣ ва малакаҳои сарварӣ.

4. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҲФИЛ

4.1. Мақоми машваратӣ-ҳуқуқии Маҳфил Маҷлиси умумии аъзоёни Маҳфил мебошад, ки ҳар се моҳ як маротиба гузаронида мешавад.

4.2. Дар давраи байни маҷлисҳои Маҷлиси умумӣ фаъолияти Маҳфилро Раёсати Маҳфил роҳбарӣ мекунад. Раёсати Маҳфил мақомоти иҷроияи Маҳфил буда, дар ҷаласаи якуми Маҷлиси умумии Маҳфил интихоб карда мешавад.

4.3. Раёсати Маҳфил Раиси Маҳфил ва муовинони онро интихоб ва самтҳои асосии фаъолияти Маҳфилро муайян

менамояд.

4.4. Раиси Маҳфил роҳбарии умумии Маҳфил ва Раёсати онро таъмин намуда, тобеъи Маҷлиси умумии Маҳфил ва мақомоти заминавӣ (Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ) мебошад.

4.5. Қарори Маҷлиси умумии Маҳфил қабулгардида ҳисобида мешавад, агар дар Маҷлиси умумӣ на кам аз 3\2 ҳиссаи аъзоёни Маҳфил иштирок намуда, ба тарафдории қарори дилхоҳ аз нисф зиёди аъзоёни дар Маҷлис иштирокдошта овоз диҳанд. Чунин муқаррарот дар ҷаласаи Раёсати Маҳфил низ татбиқ карда мешавад.

5. АЪЗОГӢ ДАР МАҲФИЛ

5.1. Дилхоҳ шахси ҷавони синни 12 - 24 сола, новобаста аз миллат, ҷинс, мансубият ба дин, вазъияти иҷтимоӣ ва моддӣ мавриди пешниҳоди аризаи дохилшавӣ, метавонад аъзои Маҳфил шавад.

5.2. Қарор дар бораи қабул (ва ё қабул нагардидан) ба аъзогии Маҳфилро Раёсати Маҳфил дар мӯҳлати то се рӯз пас аз қабули ариза ифтишор (мебарорад) менамояд.

5.3. Аъзогӣ ба Маҳфил озод буда, шахси аъзогардида метавонад бо асоснокӣ ва мувофиқаи пешакӣ аъзогии худро дар Маҳфил қатъ намояд. Инчунин, аъзогӣ дар Маҳфил метавонад бо баррасӣ ва аз тарафи Раёсат ва Маҷлиси умумии Маҳфил низ бо огоҳонидани аъзои Маҳфил қатъ карда шавад.

5.4. Аъзоёни Маҳфил бо шаҳодатномаи аъзогӣ ва нишони сарисинагӣ таъмин мегарданд, ки узвиятро ба Маҳфил шаҳодат медиҳад.

6. АЪЗОЁНИ МАҲФИЛ ӮҲДАДОРАНД:

- ҳамеша фаъол, хайрхоҳ ва ташаббускору ботаҳаммул бошанд ва нисбат ба атрофиён муносибатҳои меҳрубонона дошта бошанд;
- ҳамаи вазифаҳои дар назди гурӯҳ гузошташударо сари вақт иҷро намоянд;

- манфиатҳои гурӯҳро ҳимоя намоянд ва сардори гурӯҳро (Раиси Маҳфилро) дастгирӣ кунанд;
- фикру ақида ва таклифҳои худро кушоду равшан баён намоянд;
- ҳамеша пурмасъулият ва ҷавобгар бошанд;
- хатогиҳои содиркарда ва танқиди гурӯҳро сармашқи кору фаъолияти худ донанд;
- ба гурӯҳ содиқ бошанд ва фаъолона дар рушди фаъолияти он иштирок намоянд;
- қарори гурӯҳро ҳамчун қарори худ қабул кунанд;
- қобилияти худро нишон дода, барои пешравандагии доимии гурӯҳ мусоидат намоянд.

## 7. ҲУҚУҚИ МАҲФИЛ ВА АЪЗОЁНИ ОН

7.1. Мувофиқи ҳадафу вазифаҳои худ МИҶ ҳуқуқ дорад:
- фаъолияти худ ва самтҳои асосиро мустақилона муайян созад;
- арзёбӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти худро амалӣ намуда, ҷавобгари натиҷаҳои он бошад;
- дар доираи фаъолияти худ бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ ҳамкорӣ намояд;
- ба ассотсиатсияҳо ва дигар ташкилотҳо ворид гардад;
- аз асосҳои моддию техникӣ ва маводи методию барномаҳои МИҶ истифода барад.

7.2. Аъзоёни Маҳфил ҳуқуқ доранд:
- дар таҳияи самтҳои асосии фаъолияти МИҶ фаъолона иштирок намоянд ва ба Раёсати МИҶ интихоб гарданд;
- барои баррасӣ ба ҷаласаҳои Маҷлиси умумӣ ва Раёсат масъалаҳо ва таклифҳо пешниҳод намоянд;
- аз фаъолияти МИҶ воқиф бошанд;
- дар доираи фаъолияти худ дар Маҳфил аз асосҳои моддию техникӣ ва методии ташкилоти боломақом истифода баранд;
- аъзогии худро дар Маҳфил қатъ намоянд.

## 8. ТАБДИЛДИҲӢ ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ

МАҲФИЛ

8.1. МИҶ дар асоси қарори Маҷлиси умумии Маҳфил ва ташкилоти боломақом метавонад ба дигар ташкилот табдил дода шавад.

8.1. 8.2. Фаъолияти Маҳфил дар асоси қарори Маҷлиси умумии Маҳфил ё ҳангоми иҷро накардани талаботи ҳамин Низомнома ба қарори ташкилоти боломақом қатъ карда мешавад.

## АДАБИЁТҲО

1. Ашуров СБ. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы: -Душанбе 2002.

2. Хдкимов Ш.Н. Ҷавонон дар оинаи таърих -Душанбе 2000.

3. Ашуров С, Рахимов И. Укрепление нормативно-правовоӣ и қадровоӣ основы государственноӣ молодежноӣ политики на местах - Душанбе 2001.

4. Н.Н. Уразов Государственная молодежная политика. Опыт и тенденцииразвития - Астана 2003.

5. В.Т. Лисовскиӣ Социология молодежи - Санкт-Петербург 1996.